Фарҳанг ҷавҳари ҳастии миллат аст.

# БАХОРИ АҶАМ

№ 32-33 [653] 15 ноябри соли 2023, ЧОРШАНБЕ
www.bahoriajam.tj
E-mail: bahori-ajam@list.ru

Нашрияи фарҳангӣ ва иҷтимоии Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон



## 16 НОЯБР

## РӮЗИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

*Эй номусу эй номи мо, эй ҳомии имони мо,*
*Эй ифтихору шони мо, эй шуҳрати даврони мо!*

*Эй нусрати поядагӣ, эй нурбахшизиндагӣ,*
*Эй сархати созандагӣ дар ҷодаи армони мо.*

*Эй Пешвои раҳнамо, эй пешгому раҳкушо,*
*Дар дидаву дил гашта ҷо, андар миёни ҷони мо.*

*Эй Тоҷикистонро зафар,эй маншаи файзу самар,*
*Дар дидаи аҳли башар, эй давлату сомони мо.*

*Бо хотири ҷамъу париш, бегонаро карди ту хеш,*
*Бошад шиори ту «Ба пеш!», Эмомалӣ Раҳмони мо.*

**Давлат САФАР**

# ПАРЧАМАТ БОДО ПАРАФШОН, ТОҶИКИСТОН!



## 24 НОЯБР

## РӮЗИ ПАРЧАМИ ДАВЛАТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Парчами давлатӣ барои мо – тоҷикон нишонаи бақои давлат, ваҳдату ягонагӣ, ҳувияти миллӣ ва беҳтарин василаи тарбияи наврасону ҷавонон дар рӯҳияи ифтихор аз давлатдории миллӣ ва ҳифзи арзишҳои таъриху фарҳанги халқамон мебошад.**

***Эмомалӣ Раҳмон***

# ПАРДАБАРДОРӢ АЗ РӮЙИ МУҶАССАМАИ АКАДЕМИК БОБОҶОН ҒАФУРОВ



14 ноябр дар ноҳияи Бобоҷон Ғафуров Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз рӯйи Муҷассамаи академик Бобоҷон Ғафуров пардабардорӣ намуданд.

Муҷассамаи Қаҳрамони Тоҷикистон, ки дар саҳни Осорхонаи ҷумҳуриявии академик Бобоҷон Ғафуров қомат афрохтааст, аз масолеҳи хушсифат бо санъати баланд сохта шудааст. Таҳпояи муҷассама 2,6 метр буда, баландии худи муҷассама 4,2 метрро ташкил медиҳад. Дар тарафи чапи муҷассама шоҳасари мондагор -“Тоҷикон” ҷой дода шудааст, ки бешубҳа аз муҳимияту арзиши гарони ин офарида башорат медиҳад. Барои зебу зинат додани таҳпояи муҷассама сангҳои ороишии баландсифат бо истифода аз услуби хоси меъморӣ истифода гардидааст.

Академик Бобоҷон Ғафуров, Қаҳрамони Тоҷикистон, Арбоби сиёсию давлатӣ, муаррихи барҷаста, шарқшиноси машҳури тоҷик, доктори илми таърих, профессор, Ходими хизматнишондодаи илми Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Ӯ яке аз бунёдгузорони илми муосири тоҷик дониста мешавад ва бо таҳқиқоти мондагори худ, коркарди консепсияи илмии таҳқиқи таърихи халқи тоҷик бешак, асосгузори мактаби нави таърихшиносии тоҷик маҳсуб меёбад ва қомат афрохтани муҷассамаи ӯ дар ноҳияи Бобоҷон Ғафуров намунаи олии қадршиносии ин фарзанди фарзонаи миллат ва туҳфаи арзандаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида ба 115-солагии академик дониста мешавад.

Майдони назди пайкара бо санъати баланди меъморӣ оро ёфта, дар ин ҷо ҳамчунин ду фаввораи зебо низ бунёд гардидааст. Аз ду тарафи муҷассама рамзи китобӣ ҷойгир буда, дар яке аз онҳо суханони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба арзиши гарони илмии шоҳасари “Тоҷикон” ҷой дода шудааст ва рамзи дигар асари мондагори Бобоҷон Ғафуров - “Тоҷикон”-ро, ки аҳамияти бузурги таърихӣ дошта, натиҷаи заҳмати чандсолаи академик аст, таҷассум намудааст.

Ҳамчунин дар ҳудуди иншооти мазкур бо завқу салиқаи баланд корҳои ободониву кабудизоркунӣ ва шинонидани гулу буттаҳои ороишӣ анҷом дода шудааст, ки ифтитоҳи он ба ҳусни маркази ноҳия зебогии дигар зам менамояд.




# ТАҶЛИЛИ РӮЗИ ТЕАТРИ ТОҶИК




7 ноябри соли 2023 бо иштироки Вазири фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон Давлатзода Зулфия Давлат, муовини аввали вазири фарҳанг Назариён Обид Одилзода, роҳбарону кормандони театр ва муассисаҳои фарҳангии кишвар дар театри давлатии академии драмавии ба номи А. Лоҳутӣ, Рӯзи театри тоҷик бо шукуҳу шаҳомати хоса баргузор гардид. Вазири фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон Давлатзода Зулфия Давлат тамоми ҳунармандон ва дӯстдорони ҳунари волои театрро бо фарорасии ин ҷашни пуршукуҳ самимона табрик намуда, даврони Истиқлоли давлатии Тоҷикистонро давраи пешрафт ва густариши театри тоҷик унвон кард: «Воқеан дар даврони Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон 4 театри нав, таъсис дода шуданд ва алҳол шумораи умумии театрҳои касбӣ дар ҷумҳурӣ 18-то мебошанд.

Албатта санъати театрии мамлакат ба бисёр муваффақиятҳо ноил шудааст, ки ҳамаи онҳоро дар як баромади кӯтоҳ зикр кардан ғайриимкон аст. Ин ҳама пешравиҳову бурдбориҳо бевосита аз дастгирии ҳамешагии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, алалхусус Пешвои муаззами миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дарак медиҳад. Театр ҳунари андешасоз аст, ки дар қалби фарҳанги ҳар як миллат ҷой дорад.

Чуноне, ки Сарвари давлат дар ин маврид таъкид доштанд: «Театр пайвандгари маънавии наслҳо буда, рукни муҳимму барҷастаи фарҳанги миллӣ ба ҳисоб меравад». Воқеан ин суханҳои пурарзиш бояд раҳнамо ва қутбнамои ҳар як коргардон, ҳунарпеша, рассом, драманавис, хуллас тамоми аҳли театрии кишвар бошанд. Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон низ ҷиҳати рушди ин соҳа пайваста дар талош буда, аз саҳнаҳои пур аз хотироти ноб ва нақшҳои мондагори ҳунармандон ҳамеша қадрдонӣ мекунад. Зеро театр оинаи таърих ва имрӯзи мост ва театр руҳи зиндагӣ дар инсон аст».

Давлатзода Зулфия зимни табрикоти Рӯзи театри тоҷик як қатор ҳунармандон ва кормандони театрҳои кишварро бо унвонҳои баланд ва диплому сипосномаҳои Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон сарфароз гардонид.

Дар идома порчаҳои ҷолибу рангоранг аз намоишномаҳои театрӣ манзури тамошобинон гардонида шуда, санъаткорон низ бо ҳунари волои худ табъи тамошобинону иштирокчиёнро болида гардониданд.

9 ноябри соли ҷорӣ дар Филармонияи халқии ба номи Нигина Рауфоваи ноҳияи Файзобод, барномаи фарҳангӣ-фароғатии ансамбли «Фалак»-и ба номи Одина Ҳошимови Филармонияи давлатии Тоҷикистон ба номи А. Ҷураев таҳти роҳбарии Ҳофизи халқии Тоҷикистон Раҳматулло Ҳошимов ва ансамбли рақсии «Чаман» дар сатҳи баланд баргузор гардид. Бо пешниҳоди шеъру таронаҳои тозаэҷоду дилписанд, дар васфи Ватан, ваҳдат, модар, тараннуми табиати зебои кишвар ва ғайра сароядаҳо хотири тамошобинонро болида гардониданд ва ҳозирин низ барномаи консертиро бо кафкӯбиҳои бардавом ва самимияти хоса истиқбол намуданд.

# КОНСЕРТИ АНСАМБЛИ «ФАЛАК»-И БА НОМИ ОДИНА ҲОШИМОВ ДАР НОҲИЯИ ФАЙЗОБОД



Дар охир ҷиҳати арҷгузорӣ ба мусиқии суннатии фалак, ҳунару маҳорати баланди сарояндагону мутрибон ва рақсҳои зебои гулдухтарон, аз ҷониби Раиси ноҳияи Файзобод Холзода Б. ба роҳбари ансамбли мазкур Раҳматулло Ҳошимов туҳфаҳои хотиравӣ супорида шуд.

Ёдовар мешавем, ки барномаи консертӣ бо таклифу дархостҳои зиёди сокинони ноҳияи Файзобод ва дастгирии роҳбарияти Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Файзобод баргузор шуд.

# ГИРОМИДОШТИ 1165-СОЛАГИИ УСТОД АБӮАБДУЛЛОҲИ РӮДАКӢ ДАР ШАҲРИ МОСКВА



9 ноябр дар шаҳри Москва бахшида ба 1165-солагии Сардафтари адабиёти классикии тоҷик Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ барномаи фарҳангӣ баргузор гардид.

Дар ҳамоиш намояндагони мақомоти дахлдори Русия, доираҳои илмиву эҷодӣ, аз ҷумла шоирону нависандагон, олимону муҳаққиқон, устодон ва донишҷӯёни мактабҳои олӣ, инчунин тоҷикони муқими Русия иштирок намуданд.

Сафири Тоҷикистон дар Русия Давлатшоҳ Гулмаҳмадзода иброз намуд, ки Одамушшуаро устод Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ маъруфтарин сухансарои ҳамаи давру замонҳо буда, номи ӯ на танҳо дар таърихи адабиёти тоҷик, балки дар таърихи адабиёти ҷаҳонӣ ҷовидон боқӣ мемонад.

Аз соли 2002 бо ибтикори Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳамасола 22 сентябр Рӯзи бунёдгузори адабиёти классикии тоҷик ба таври бошукуҳ таҷлил мегардад. Дар ин рӯз дар ҳамаи шаҳру навоҳии Тоҷикистон бахшида ба ҳаёт ва фаъолияти ин шоири забардаст чорабиниҳои идона, маҳфилҳои адабӣ ва ҳамоишҳои илмӣ-адабӣ баргузор мешаванд.

Таъкид шуд, ки барои тоҷикони ҷаҳон мояи ифтихори бузург аст, ки бо қарори ЮНЕСКО соли 2008 ҷомеаи фарҳангии ҷаҳон 1150–солагии устод Абӯабдуллоҳи Рӯдакиро таҷлил намуд.

Проректори Академияи хоҷагии халқ ва идоракунии давлатии назди Президенти Федератсияи Русия Полина Немировченко оид ба робитаҳои густурдаи фарҳангӣ ва гуманитарии Тоҷикистон ва Русия ибрози назар намуда, нақши муттаҳидкунандаи адабиёти классикӣ ва муосири тоҷикро муҳим арзёбӣ намуд.

Дар идомаи чорабинӣ ба меҳмонон филми мустанад дар бораи ҳаёт ва фаъолияти эҷодии устод Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ намоиш дода шуд, ки ба меҳмонон таассуроти рангин ва хотирмон бахшид.

Ҳамчунин ба ҳозирин барномаи фарҳангии иборат аз саҳнаҳои театрӣ, таронаҳои рангин аз ашъори пурмазмуни устод Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ ва рақсҳои мавзуну дилнишин пешкаш гардид.

Донишҷӯёни макотиби олии Русия аз эҷодиёти шоир намунаҳои беҳтаринро ба забонҳои тоҷикӣ ва русӣ қироат намуданд.

Дар доираи баргузории ҳамоиш либосҳои миллӣ, ҳунарҳои мардумӣ, манзараҳои зебои Тоҷикистони соҳибистиқлол ба намоиш гузошта шуданд.

Ҳамоиш дар фазои гарму дӯстона доир шуд. Меҳмонони чорабинӣ ба шарофати ин маҳфил бо фарҳангу адабиёти волои тоҷик бештар шинос шуданд.

# РӮЗЕ, КИ ТАҶАССУМГАРИ ОРЗУЮ ОМОЛИ НЕКИ МАРДУМ АСТ

Баробари соҳибистиқлол гардидани Ҷумҳурии Тоҷикистон, миллати моро роҳбаре насиб гашт, ки бо кирдору амалҳои волою ҳамидаи хеш тавонист мардуми парешонгаштаи тоҷикро муттаҳид сохта, дар кишвар сулҳу ваҳдатро пойдор намояд ва оташи ҷанги таҳмилии шаҳрвандиро хомӯш созад. Аз ин рӯ, санаи 16 ноябр тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи рӯзҳои ид» рӯзи Президент муайян карда шудааст ва мо ҳамасола рӯзи 16-уми ноябрро ҳамчун «Рӯзи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон» ҷашн мегирем. Мақсад аз Рӯзи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян кардани рӯзи 16 ноябр дар он ифода меёбад, ки ибтидо аз ҳамин рӯзи тақдирсозу муайянкунандаи рушди минбаъдаи бомароми Тоҷикистон марҳилаи нави муҳимми давлатӣ, яъне тибқи Конститутсияи давлати соҳибихтиёр дар Ҷумҳурии Тоҷикистон идоракунии президентӣ оғоз ёфта, Президенти тозаинтихобгардида ба иҷрои вазифаи худ шурӯъ намудааст. Ин рӯзи таърихӣ чун таҷассумгари орзую омоли неки мардум, кафили сулҳу оромӣ, меҳру муҳаббат, адолату шафқат, хираду пешрафт ва ваҳдату ҳамдилии ҷомеа мебошад.

Таҳлилҳо аз он далолат менамоянд, ки дар таҷрибаи байналмилалӣ таҷлил намудани «Рӯзи Президент» ё «Сардори давлат» ба ҳукми анъана даромада, дар давлатҳои пешрафтаи дунё «Рӯзи Президент» ҷашн гирифта мешавад. Аз ҷумла, дар Қазоқистон (1 декабр), дар ИМА (душанбеи сеюми моҳи феврал), дар Исландия (14 май), дар Британияи Кабир (8 июн ҳамчун «Рӯзи Малика») ва дар дигар давлатҳо чунин ҷашн роҳандозӣ гардидааст. Аз ин рӯ, таҷрибаи байналмилалӣ дар баргузории «Рӯзи Президент» собит менамояд, ки муқаррар намудани ин ҷашн аз корнамоиҳои шахсиятҳои таърихӣ ва сиёсӣ, ки ба бунёди низоми давлатдорӣ ва эҳёи ниҳоди президентӣ замина гузоштаанд, вобаста мебошад.

Баргузории «Рӯзи Президент» дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба корнамоиҳои Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон вобастагии амиқ дошта, дар бунёди ниҳоди президентӣ ва ба ин васила дар ташаккули давлати соҳибихтиёр ва демокративу ҳуқуқбунёд заминаҳои сиёсиву ҳуқуқӣ гузоштааст. Инчунин идоракунии шакли президентӣ ба мо барои вазъи сиёсӣ ва ҳуқуқӣ ҳамчун бунёди давлати соҳибистиқлол сулҳ ва ваҳдати миллиро ба вуҷуд оварда, бо мақсади тақвияти асосҳои сохтори конститутсионӣ, таҳ-кими демократия, таъмини рушди иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ, ҳифзи арзишҳои таърихии давлатдории миллӣ, фароҳам овардани шароити зиндагии арзанда ва инкишофи озодона барои ҳар як инсон мусоидат намудааст.

Бояд қайд намуд, ки таъсиси ниҳоди президентӣ дар Тоҷикистон марҳилаи нави рушди давлатдории миллиро замина гузошта, воқеиятҳои аслии амалишавии унсурҳои давлати демократиро ба миён овард. Бавуҷудой ва инкишофи ниҳоди президентӣ дар Тоҷикистон заминаҳо ва ғояҳои сиёсиву ҳуқуқии худро дар таҷриба ҳанӯз аз даврони мавҷудияти собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ гирифтааст.

Дар Эъломияи истиқлол аз 24 августи соли 1990 эълон гардид, ки ҳокимияти давлатӣ дар Тоҷикистон тавассути мақомоти қонунгузорӣ, иҷроия ва судӣ ба амал баровaрда мешавад, ки чунин муқаррарот ба таъсиси мансаби Президент дар низоми таҷзияи ҳокимияти давлатӣ заминаи ташкиливу ҳуқуқӣ гузоштааст. Дар ин раванд яке аз омилҳои муҳим ин баргузории Иҷлосияи XVI Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шумор меравад, ки дар вазъи ҳассос ва мураккаби таърихии халқи тоҷик баргузор шуд. Ин Иҷлосия ҳамчун пойдевори асосии бунёди давлат ва муттаҳидкунандаи миллати тоҷик маҳсуб гардида, заминаҳои устувори ташаккули Истиқлолияти сиёсии кишвари моро мустаҳкам намуд.

Дар Иҷлосияи XVI Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 23 масъалаи муҳим дар бахши ба эътидол овардани вазъи кишвар мавриди муҳокима қарор гирифта, 74 санадҳои муҳими сиёсӣ ва ҳуқуқӣ, аз қабили қонунҳои мукаммал, тағйиру иловаҳо, қарор ва фармонҳо ба тасвиб расид, ки дар бунёди давлатдории миллӣ ва фаъолияти қонунгузории давраи навини Тоҷикистон тахти роҳбарии Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ибтидо гузошту ин санадҳои муҳим ба таҳкими пояҳои давлатдорӣ замина гузоштанд. Ҳамзамон, бояд зикр намуд, ки яке аз муҳимтарин дастоварди бузурги ин иҷлосияи таърихӣ интихоби Эмомалӣ Раҳмон ҳамчун шахсияти барҷастаи сиёсат ба ҳайси Раиси Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шумор меравад.

Маврид ба зикр аст, ки дар ин рӯз (16 ноябри соли 1994) баъди дар интихоботи умумихалқӣ пирӯз гаштан Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Қаҳрамони Тоҷикистон, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Иҷлосияи XXI-уми Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, даъвати дувоздаҳум тантанавор савганд ёд карда, ба сифати Президенти кишвар фаъолияти кории худро оғоз намуд. Ин рӯз дар ҳақиқат рӯйдоди муҳимми таърихӣ ба шумор рафта, месазад, ки халқи Тоҷикистон онро ҳамчун «Рӯзи Президент» таҷлил намояд ва сабаби ҳамчун рӯзи Президент интихоб гаштани 16 ноябр маҳз бо ин омилҳо вобаста аст.

Воқеан таҳлилҳои болозикр аз он гувоҳӣ медиҳад, ки бунёди давлати навини тоҷикон ба корнамоиҳои




таърихиву сиёсии Пешвои муаззами миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон пайванди ногусастанӣ дорад. Маҳсули заҳматҳои шоистаи Пешвои муаззами миллат дар он аст, ки кишвари мо дар масири 30 соли Истиқлол ба сулҳу ваҳдати миллӣ расид ва таҷрибаи сулҳи тоҷикон минбаъд, ҳамчун таҷрибаи нодири расидан ба сулҳу субот эътироф гардид. Зеро аз рӯзи ба даст гирифтани ихтиёри давлатдорӣ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон тавассути хизматҳои фидокоронаи худ баҳри наҷоти миллату давлати тоҷикон камар баста, дар баробари хомӯш намудани оташи ҷанги дохилӣ барои таҳкими ҳокимият ва давлат шароит муҳайё намуданд ва заминаи сулҳи миллиро матраҳ карда, гурезаҳову муҳоҷирони иҷбориро ба Ватан баргардониданд ва дар эъмори ҷомеаи навини Тоҷикистон заминаи устувор гузоштанд. Тавассути хизматҳои шоиста дар назди халқу ватан сохтори фалаҷгардидаи ҳокимият, хусусан мақомоти ҳифзи ҳуқуқро, барқарор сохта, артиши миллӣ ва нерӯҳои посбони сарҳадро таъсис доданд. Фароҳам гардидани чунин шароит барои гузаштани кишвар ба марҳилаи барқарорсозии иқтисодиёт ва оғози корҳои созандагию бунёдкорӣ заминаи боэътимод гузошт.

Дар ин раванд қонунгузории миллӣ бунёд гардида, низоми самараноки мақомоти ҳокимияти қонунгузор, иҷроия ва судӣ ташкилу такмил ёфт ва заминаҳои ҳуқуқии фаъолияти онҳо фароҳам оварда шуд. Ҷиҳати таҳким ва тақвияти ниҳоди президентӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низоми қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мукаммал ва мушаххас гардида, Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи интихоботи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 21 июли соли 1994, Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таъминоти иҷтимоӣ, хизматрасонӣ ва муҳофизати Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон" 14 ноябри соли 2016, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи рамзҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон" аз 28 июли соли 2006, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи савгандёдкунии тантанавии хизматчиёни ҳарбӣ барои садоқат ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 15 ноябри соли 2006 ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ қабул гардидаанд, ки муқарраркунанда ва кафолатдиҳандаи асосҳои ҳуқуқӣ бо мақсади фароҳам овардани шароити зарурӣ ҷиҳати самаранок амалӣ намудани ваколатҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ба ташаккули ниҳоди президентӣ равона гардидаанд.

Ҳамин тавр, тӯли солҳои сипаригашта, дар натиҷаи заҳмату талошҳои Сарвари давлат ва Пешвои миллатамон тамоми рукнҳои давлатдорӣ барқарор шуда, сулҳ ва ваҳдати комили миллӣ пойдор, рушди устувори иқтисодиву иҷтимоӣ таъмин, худшиносиву худогоҳӣ таҳким ёфт ва ҳисси ватандӯстии тамоми қишрҳои ҷомеа афзуд. Президенти кишвар аз рӯзҳои нахустини ба даст овардани истиқлоли давлатӣ бо такя ба хиради волои хеш ва равиши сиёсати «дарҳои кушода» бо аксари кишварҳои ҷаҳон муносибатҳои дӯстона, ҳамкориҳои баробарҳуқуқ ва мутақобилан судманд ва бо як қатори онҳо робитаҳои шарикии стратегиро барқарор намудаву минбаъд онҳоро таҳким бахшид. Бо боварии том гуфта метавонем, ки сулҳу ваҳдат дар мамлакат пояҳои устувор дорад ва дар кори боз ҳам пойдору устувор гардонидани дастовардҳои иқтисодию иҷтимоии Тоҷикистони соҳибистиқлол тадбирҳои судманд амалӣ мегарданд. Ҳар як фарди бонангу номуси Тоҷикистонро зарур аст, ки ин дастовардҳоро ҳифз намуда, дар мубориза алайҳи хатарҳои глобалии ҷаҳонӣ саҳмгузор бошад. Аз ҷиҳати таҳлили сиёсӣ маълум аст, ки яке аз омилҳои ба сулҳу субот нарасидани кишварҳои ҷангзада, ин вуҷуд надоштани лидери сиёсӣ дар ин ҷомеаҳо мебошад. Асоси пойдории сулҳу амнияти Ватан ва осудагии халқу кишвари мо Пешвои миллат аст, ки ба шарофати ин родмарди асил имрӯз мо зиндагии осуда дорем ва идҳову ҷашнҳои кишварро бо хотири ҷамъу болида таҷлил мекунем.

Таъмини сулҳу ваҳдати сартосарӣ, оромиву субот, сарҷамъии миллат, расидан ба ҳадафҳои стратегии мамлакат, қабули қонунҳои миллӣ – ин ҳама бо азму иродаи қавӣ ва иқдоми ташаббусҳои созандаи бевоситаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон халқу давлати моро ба даст омадааст. Пешвои маҳбуби миллат поягузори низоми навини давлатдорӣ ва ҳуқуқии миллии Тоҷикистон мебошад. Сулҳи тоҷикон на танҳо давлату миллатро наҷот дод, балки дар дили насли ҷавони тоҷик умед баояндаи нек, хушбахтӣ, ифтихори миллӣ ва ваҳдати ногусастаниро зинда намуд. Пешниҳодҳои созандаву саривақтии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз минбари баланди Созмони Милали Муттаҳид бо забони шевою ширини тоҷикӣ дар масъалаҳои гуногуни глобалӣ боиси ифтихори тамоми тоҷикони ҷаҳон гаштааст.

Имрӯз миллати тоҷик аз он ифтихор дорад, ки дар баробари дигар халқҳои олам ҳуқуқу озодиҳо ва овози баробар дошта, ҳувияти миллии хешро дар арсаи ҷаҳонӣ муаррифӣ менамояд. Пешвои муаззами миллат сипари фарҳангиеро сохтанд, ки кафолати бақои миллату халқи тоҷик аст. Ин фарҳанги сулҳофарии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мӯҷиби ҳайрати ҷаҳониён аст ва ин сифат буд, ки 30 сол қабл ӯ чун пешвои асли миллати тоҷик шинохта шуд. Фарҳанги аздастрафтаро эҳё бахшиданашон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро раҳнамову пешвои миллат сохт. Ин боз як омили муттаҳид гаштани тоҷикони тамоми дунё дар атрофи Роҳбари давлати тоҷикон мебошад.

*Довар НАЗАРОВ,*
*устоди ДДОТ*
*ба номи Садриддин Айнӣ*

# ЭМОМАЛӢ РАҲМОН – ФИДОИИ ДАВЛАТУ МИЛЛАТ

Эмомалӣ Раҳмон рӯи мавҷҳои азими ҳодисаҳои талху сангину кӯбандаи ибтидои солҳои 90-уми асри гузашта ба баҳри хурӯшони сиёсати бузург ворид шуд. Ин мавҷҳои азим, ҳамон тавр ки ӯро бар фарози худ бардошта буданд, мумкин буд, ки дар пайи як хато ба таври бебозгашт равонаи қаъри ин баҳри пурталотумаш кунанд. Вуруди эшон ба арсаи сиёсат дар замони авҷи шуълакашии оташи ҷанги дохилии таҳмилӣ дар Тоҷикистон дақиқан ҳамин манзараи ҳавлноку пурхатарро дар зеҳнҳо мусаввар мекунад. Аз ду роҳи ҳатмӣ ҷуз яке пеши рӯи ӯ бештар қарор надошт – ё бояд ин сӯхтори бунёдсӯзро тавонмандона хомӯш мекард, ё худ дар алангаи оташи он месӯхт. Осон набуд ҷангидан бо ҷанге, ки дар таърихи фоҷиабори мамлакати мо яксаду панҷоҳ ҳазор ҳаётро бо худ бурд, ҷанге, ки аз ҳаштодупанҷ ҳазор кӯдак падару модаршонро гирифт, ҷанге, ки биступанҷ ҳазор наварӯсро бева кард ва ниҳоят ҷанге, ки паёмадаш қалбҳои шикаста буду хонаҳои вайрон ва корхонаҳои муфлису иқтисоди фалаҷ.

Ӯ замоне масъулияти азим ва хатари роҳбарии давлатро бар дӯш гирифт, ки сиёсатмадорони пуртаҷрибаи ба қавле "чашмикордон", ки теъдодашон то шурӯи ин фоҷеаи азим хеле зиёд буду аз ҳар минбаре барои изҳори тавоноии фардии хеш ва дилсӯзии халқ фурсатеву баҳрае меҷустанд, аз пазируфтани ин мақоми баланд худро канор мекашиданд ва ин як парадокс буд. Бале, парадоксе, ки иллату сабабҳои хеле ҷиддӣ дошт. Зеро сиёсатбозиву майдонкашиҳои ҳизбҳо ва ҳаракатҳои сиёсие, ки дар даврони демократисозӣ ва ошкорбаёнии горбачёвӣ дар солҳои поёнии Иттиҳоди Шӯравӣ ба майдони муборизаҳои сиёсӣ ворид шуда буданд, миллатро ба ду ҷабҳаи комилан мухолиф тақсим карда буд. Ваҳдати миллӣ дар назму низоми давлат дигар на маъние дошт ва на ҷойгоҳе.

Нуқтаи авҷи низоъҳои дохилии нерӯҳои ба ҳам мухолифи кишвар дар ду майдони пойтахти мамлакат - майдони Шаҳидон ва майдони Озодӣ хулоса мешуд. Муқовимати ду майдон аз пойтахт ба музофот кашида шуд. Дар шаҳрҳои Кӯлоб ва Қурғонтеппа саркардагон тарафдорони худро мусаллаҳ карданд ва як ҷанги дохилии тамомъиёр шурӯъ гардид. Аммо як чиз хеле возеҳ буд, ки ҷараёни воқеаҳо аз хориҷи кишвар идора мешуд, ки ин омил вазъияти бе ин ҳам сангини кишварро боз ҳам мураккабу печидатар мекард. Силоҳбадастон президенти қонунии ҷумҳурӣ Раҳмон Набиевро, ки мехост ба таври пинҳонӣ аз Душанбе ба Хуҷанд бираваду ҳукуматро аз он ҷо идора намояд, дар фурудгоҳ тахти фишор аз мансаб ронданд. Ҳукумат бе роҳбар монда, фалаҷ шуд. Пойтахт ба дасти сарони ҳизбу ҳаракатҳои мухолифи давлат афтод, аммо ҳеҷ як аз вилоятҳои ҷумҳурӣ ҳозир набуд, ки ҳукумати онҳоро ба расмият бишносад ва ба онҳо итоат намояд. Тоҷикистонро ҳамчун давлати ягона хавфи парокандагӣ таҳдид мекард ва тавре имрӯз дар баъзе пойгоҳҳои интернетӣ дида мешавад, нақшаи онро дар хориҷи кишвар аллакай кашида буданд. Бале, нестии кишвар дигар ногузир буд, агар он воқеаи таърихии тақдирсоз ба вуқӯъ намепайваст – баргузории Иҷлосия 16 Шӯрои Олии Тоҷикистон дар шаҳри Хуҷанд.

Ин иҷлосия, ки аз 16 ноябр то 2 декабри соли 1992 доир гардид, шахсиятеро ба арсаи сиёсат овард, ки бо тамоми масъулият ҳамаи донишу таҷриба ва кӯшишу тавоноии худро барои барқарор намудани сулҳу салоҳи оммавӣ дар мамлакат ва пирӯзии ҳукумати қонун бар бесарусомонӣ бахшид. Ӯ дар вазъияте зимоми умурро ба даст гирифт, ки ҷанги хунонсӯз натанҳо зерсохторҳои иқтисодии кишварро хароб карда буд, балки зеҳну хотири мардум низ бар асари ваҳшати ҷанг тағйир ёфта буд. Зеро одамон худро танҳову бепуштибон медиданд. Ваҳшатноктар аз ин, мардум итминонро ба оянда ва ба ҳама касу ба ҳама чиз аз даст дода буд. Мамлакат киштии тӯфонзадаеро мемонд, ки инак-инак ба қаъри дарё фурӯ меравад.

Вазъи рӯзҳои аввали ба мақоми Раиси Шӯрои Олии Тоҷикистон интихоб шудани хешро Пешвои муаззами миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни яке аз мулоқотҳояш бо ҷавонони лаёқатманд, ки ҳамон кӯдакони солҳои ҷанг буданд, соли 2013 ин тавр баён намуда буд: *"Дар рӯям гуфтанд: Туро баъди ду ҳафта мекушанд. Ман як чиро дарк мекардам, ки дар ҳамон вақт роҳбаре даркор буд, ки фидоии миллат бошад, худашро қурбон кунаду миллатро сарҷамъ".*

Сарвари давлат кори худро аз гуфтушунид бо тарафҳои даргир шурӯъ намуда, 8 декабри соли 1992 ба мардум муроҷиат кард:

*"Халқи мо имрӯз душвортарин ва фоҷианоктарин давраи таърихи худро аз сар гузаронида истодааст. Ман қасам ёд мекунам, ки тамоми донишу таҷрибаамро барои дар ҳар як хона барқарор шудани сулҳ равона карда, барои Ватани азизам содиқатмандона меҳнат мекунам. Агар лозим шавад, ҷон нисор мекунам."*

Банда, муаллифи ин сатрҳо ҳамроҳ бо Абдуфаттоҳ Шарифзода – сардори Хадамоти матбуоти Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ёрмаҳмад Аралев – коргардони синамо ва ҳамкасбону дӯстони дигар тайи солҳои 2012-2013 як филми мустанади дуқисматиро таҳти унвони "Эмомалӣ Раҳмон – марде аз сарнавишт" дар бораи ҳаёту фаъолияти Пешвои муаззами миллат таҳия мекардем. Табиист, ки кор аз пайдо кардани ошноии комил бо бойгонии филмҳо ва наворҳои сабтшуда аз воқеаҳои таърихӣ оғоз мешуд. Чизеро, ки ман бештар аз ҳама мехостам бубинам, ин бархӯрд ва эҳсосоти тарафҳо ҳангоми мулоқоту музокироти сулҳ буд. Бинобар ин, ҳангоми тамошои наворҳо ба ин ҷанбаи масъала диққати бештар медодам. Аҳаммият медодам, ки онҳо чи тавр бо ҳам рӯ ба рӯ мешаванд, чи тавр салом мекунанд, чи тавр сухан мегӯянд ва чи тавр ба чашми ҳамдигар менигаранд? Ман як чизро дидам, ки агар ҳангоми гуфтушунидҳо бо раҳбарони мухолифин дилҷӯӣ, хушхулқӣ, садоқату ростқавлӣ ва азму иродаи қавию самимонаи Эмомалӣ Раҳмон ошкору возеҳ намебуд, мо ба ин сулҳу салоҳу амният намерасидем. Зеро хунсардӣ ва нобоварӣ дар чашмҳо ва гуфтору рафтори намояндагони ҷониби муқобил хеле равшан намоён буд. Бале, бовару итминон нисбат ба якдигар дар музокироти сулҳ нақши хеле ҳалкунанда дошт. Онҳо оҳиста-оҳиста ба нияти неки сулҳхоҳӣ, азми қавӣ, иродаи устувор ва ростқавлию ҷавонмардии ӯ бовар карданд, ҳарчанд медонистанд, ки дар паҳлӯи Сарвари давлат қумондонҳои худсар ва сиёсатбозоне низ ҳастанд, ки ин сулҳу салоҳро натанҳо намехоҳанд, балки ҳозиранд бо тамоми нерӯ онро маҳв намоянд.



**"То гурезаи охирин ба ватани худ, ба маскани доимии худ барнагардад, ман ҳамчун Сарвари давлат ва Раиси Шӯрои Олӣ худро ором ҳис намекунам ва аз фаъолияти кории худ низ қаноатманд намешавам".**

Амри дигари муҳим барои расидан ба сулҳу салоҳи комил ин баргардонидани фирориён аз дохилу хориҷи мамлакат ба маконҳои аслии зист ва хонаву дарашон буд, ҳарчанд дар маҳалҳои ҷангзада дигар хонаву даре ҳам намонда буд. Аммо Сарвари давлат тавассути радио ва телевизион ба ҳамватанон муроҷиат кард:

*"Ман муроҷиат мекунам ба тамоми ҳамватанони худам, ки имрӯз дар хоки Афғонистон истиқомат доранд, фирорӣ ҳастанд, ба ватани худ баргарданд. Ватани ҳамаи тоҷикони дунё - ин Тоҷикистон аст, пеш аз ҳама он тоҷикони муқимие, ки имрӯз дар асари он задухӯрдҳо аз ватани худ бе ватан гаштаанд. Гарчанде Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вазъияти вазнини иқтисодӣ қарор дошта бошад ҳам, мо ҳамаи кафолат, ҳамаи шароитҳоро медиҳем, то ҳарчи зудтар онҳо ба масканҳои доимии худ баргарданд. Ҳамаи шахсоне, ки дар ин ҷанги бародаркушӣ даст зада бошанд, дар даст силоҳ дошта бошанд, онҳоро ҳам авф мекунем. Чунки ман дар назди мардуми ҷумҳурӣ ваъда додаам: "То гурезаи охирин ба ватани худ, ба маскани доимии худ барнагардад, ман ҳамчун Сарвари давлат ва Раиси Шӯрои Олӣ худро ором ҳис намекунам ва аз фаъолияти кории худ низ қаноатманд намешавам".*

Эмомалӣ Раҳмон пас аз 9 моҳу 12 рӯзи интихоб шуданаш ба мақоми Раиси Шӯрои Олӣ бо даъвати собиқ Президенти Давлати Исломии Афғонистон Бурҳониддини Раббонӣ ҷиҳати боздиди расмӣ ба Кобул сафар кард. Ҳалли ҳарчи зудтари ду масъалаи асосӣ - баргардонидани фирориҳои тоҷик ба ватан ва дуюм, ба эътидол овардани вазъ дар сарҳади ҳар ду давлат аз мақсадҳои аслии ин сафар ба шумор мерафт. Сарвари давлат аз ин сафари пурхатар пирӯзу муваффақ баргашт.

Ҳарчанд дар ин миён дар ноҳияи Рӯшон мухолифони сулҳу оштӣ ба ҷони вай суиқасд анҷом доданд, вале ӯ дигар худро фидоии ҳадафи олии хеш карда буд – расидан ба сулҳу салоҳ ва ваҳдати миллӣ!

Воҳӯрии аз ҳама пуршиддату хатарнок, вале пурмаҳсулу бомуваффақияти 11 декабри соли 1996 дар шимоли Афғонистон баргузор шуд. Дар ҳудуди давлате, ки дар он ҷанги дохилӣ дар авҷ буд, парвоз кардан хатари бузург дошт. Дар чунин вазъият музокироти навбатии ҷонибҳо дар рустои Хосдеҳ баргузор шуд. Пешвои миллат порае аз суханони хешро бо сарварони мухолифин дар он вазъияти ҳассос ин гуна ба хотир меоварад:

*"Дар сурате ки мову шумо ба ифоқа наоем, ҷанги шаҳрвандӣ давом кунад, миллати тоҷик пароканда мешавад. Кишварҳое ҳастанд, ки кумак карда истодаанд, бо ҳар роҳу восита давлати соҳибистиқлоли Тоҷикистон аз байн меравад ва мову шумо дар таърихи миллати тоҷик ҳамчун миллаткуш боқӣ мемонем, ки фарзандону наберагону аберагони мову шуморо ҳеҷ гоҳ миллати тоҷик дигар намебахшад. Ана ҳаминро ба инобат гирифта, ман назди шумо барои сулҳ кардан омадаам".*

Мухолифони сулҳу созиш бо ҳар роҳу восита кӯшиш карданд, ки ҷараёни музокироти сулҳро халалдор намоянд. Рӯзи 30 апрели соли 1997 дар шаҳри Хуҷанд ба ҷони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон суиқасди навбатӣ сурат гирифт, вале ин таҳдиди ҷонӣ низ азму иродаи меъмори сулҳро суст накард ва ниҳоят рӯзи 27 июни соли 1997 дар шаҳри Маскав Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ ба имзо расид. Бо ба имзо расидани ин ҳуҷҷати сарнавиштсоз Тоҷикистон амалан аз марҳалаи ҷангу даргирӣ ба марҳалаи нави рушд – созандагиҳои бузург ворид гардид, ҳарчанд ки баъдҳо низ аз сӯи баъзе қумондонҳои худсар ошӯбҳо ва норомиҳое ба вуқӯъ пайваст.

Ман имрӯз ба он шоҳкории бузурги Пешвои муаззами миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон нигоҳ мекунаму шукри сарнавишт мекунам. Шукр мекунам, ки Худо ба миллати мо дар сарҳадди ҳаёту мамоти давлат чунин шахсияти некӯният, қавиирода ва фидоии миллату давлати хешро ато кард. Ӯ буд, ки ҷон дар кафи даст барои мо сулҳ овард, миллатро сарҷамъ ва мамлакатро обод кард. Агар мо ба ин сулҳу салоҳ намерасидем ва ҷанг мисли ҳамсоякишвар то имрӯз идома меёфт, яқин буд, ки дигар расидан ба сулҳу амният ба як хобу хаёли руъёӣ табдил мешуд. Зеро воқеаҳои ахири кишварҳои Ховари Миёна – Ироқ, Сурия ва Яман ба мо ин ҳақиқати талхро ошкор сохт, ки то тақсимоти ҷаҳон дар байни абарқудратҳо бо поён нарасад, дар оташи ҷангу низоъҳои дохилии кишварҳо ба ҷои об равған рехта мешавад. Ман шукр мекунам, ки мо қабл аз ба ин ҳолати вахим расидани ҷаҳони муосир аз он вартаи ҳалокат ва вазъи хатарнок берун омадем ва он ҳам ба шарофати азму иродаи қавӣ, нияти нек, ақлу заковати расо, садоқату ҷоннисорӣ ва донишу таҷрибаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон.

Бо дастони созанда ва раҳбарии муваффақонаи ин шахсияти ватанпарвару давлатсоз Тоҷикистон ба яке аз кишварҳои амни ҷаҳон табдил ёфт, соҳиби артиши миллии муҷаҳҳази худ гардид, аз бунбасти иртиботӣ берун омад, амнияти озуқаворӣ ва энергетикияш таъмин шуд, ба ҳадафҳои стратегияш пай дар пай даст ёфт, шаҳру деҳоташ рӯ ба рушд ниҳода ободу зебо гардид ва нуфузу эътибораш дар арсаи байналмилалӣ ба маротиб боло рафт. Аз ин рӯ, мардуми шарифи Тоҷикистон чун ҳалқаи фӯлод дар гирди эшон муттаҳид гаштааст ва ин иттиҳоди муборак бешакку шубҳа моро ба фатҳи қуллаҳои нав ба нави саодату хушбахтӣ хоҳад расонд.

***Раҳмоналӣ МИРАЛИЗОДА,***
***Сардори раёсати табъу нашр ва матбуоти Вазорати фарҳанг***

**16 – УМИ НОЯБР РӮЗИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

# БУНЁДГУЗОРИ ДАВЛАТИ СОҲИБИСТИҚЛОЛУ СОҲИБИҚБОЛ

Ба Истиқлол расидани Тоҷикистон дар оғози даҳсолаи охири асри XX дар замоне сурат гирифта буд, ки дар харитаи сиёсии ҷаҳон бар асари фурӯпошии империяи абарқудрати Шуравӣ як идда тағйироти азим ба амал омада, низоми сиёсии олам рӯй ба дигаргуниҳои ногуфтанӣ оварда буд. Ривоҷи марзбандиҳои тозаи минтақавӣ ва фазои ҷадиди геополитикӣ бо афзудани хатарҳои умумиҷаҳонӣ, аз қабили терроризм, ифротгароӣ, гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир, офатҳои табиӣ, коҳиши сарватҳои зеризаминӣ ва манбаъҳои сӯзишворию энергетикӣ мусодиф омад, ки ҳамзамон амнияту оромии бисёр давлатҳои хурду бузург дар зери хавф қарор гирифтанд.

Дар канори ин равандҳои номатлуби замони муосир ва падидаҳои муассири ҳаёти ҷомеаи башарӣ тамоюли ҷаҳонӣ шудан дар саросари рубъи маскун бо суръати азим равнақ ёфта, аз густариши марҳалаи комилан нави таърихии инсоният – марҳалаи фарогири таммаддуни ҷаҳонгаройӣ паём расонид. Аз оғози ҷаҳонӣ шудан низ дар радифи пешрафтҳои беназири васоили иттилоотиву иртиботӣ дар муносибатҳои халқҳову миллатҳо ва кишварҳову давлатҳо як идда дигаргуниҳои номатлуби зиёде ба вуҷуд омаданд.

Ба шарофати ба таври расмӣ эълон гардидани Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон таваҷҷуҳи ҷомеаи ҷаҳонӣ ба кишвари мо афзуд. Ҳамин тариқ, дар фосилаи нисбатан кӯтоҳи таърихӣ аз моҳи сентябри соли 1991 то моҳи ноябри соли 1992 – аз эълони эъломияи Истиқлол то баргузории Иҷлосияи XVI Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳайси кишвари соҳибистиқлол ва соҳибихтиёр ба Протоколи Созишномаи таъсиси Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил «Дар бораи шомил шудани Ҷумҳурии Тоҷикистон ба узвияти Иттиҳоди давлатҳои муштаракул-манофеъ» (моҳи декабри соли 1991, шаҳри Москва) имзо гузошта, ба Созмони байналмилалии машварат оид ба амният ва ҳамкорӣ дар Аврупо (26-уми феврали 1992), Созмони байналмилалии Тандурустӣ (СУТ) (апрели соли 1992), Ассотсиатсияи байналмилалии байторӣ (АББ) (моҳи октябри соли1992), Созмони Милали Муттаҳид (2-юми марти соли 1992) аъзо шуд.

Бояд қайд кард, ки танҳо дар зарфи як соли 1992 Ҷумҳурии Тоҷикистон бо 48 кишвари хориҷӣ робитаҳои дипломатӣ барқарор намуд. Чунончӣ бо Ҷумҳурии Мардумии Чин (4-уми январ) ва ҳамзамон бо Ҷумҳурии исломии Эрон яке аз нахустин давлатҳое буданд, ки робитаҳои ҳамкориро бо кишвари мо зуд барқарор намуданд. Аммо мутаассифона, ҷумҳурии нав ба истиқлол мушарраф гардидаи Тоҷикистонро солҳои 90-уми қарни гузашта ҷанги дохилӣ фаро гирифт.

Мутаассифона, воқеаҳои фоҷиавии ибтидои солҳои 90-уми ҷумҳурӣ ҳамчун саҳифаи сиёҳ ба таърихи халқи тоҷик шомил гардиданд. Ин воқеаҳо дар матбуоти даврӣ, китобу мақолаҳо бо номҳои «ҷанги бародаркуш», «ҷанги шаҳрвандӣ», «ҷанги минтақавӣ», «ҷанги худкушӣ», «ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ» ва ҳоказои дигар баён ёфтаанд.

Рафти амалиёти ҷангӣ дар Тоҷикистони соҳибистиқлол аз моҳи майи соли 1992 сар карда бо оғози задухӯрди байни ду қувваҳои бо ҳам мухолиф оғоз ёфт ва аз рӯзҳои аввали ҷанг ҳазорҳо адад манзилҳои истиқоматӣ, корхонаю муассисаҳои зиёде сӯхта валангор гаштанд, гаравгонгирӣ ва қатли шаҳрвандони бегуноҳ торафт авҷ гирифт.



Ҳамин тариқ, зиддияти думоҳаи майдонҳои «Шаҳидон» ва «Озодӣ» ба ҷанги ошкорои бародаркушӣ табдил ёфт. Мутаассифона, роҳи осоиштаи ҳалли муаммоҳо қатъ гардид ва бо сабабҳои объективӣ ва субъективӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ кашида шуд. Ин ҷанги хонумонсӯз хисороти зиёдеро ба бор овард...

Ниҳоятан рӯзи 16-уми ноябри соли 1992 дар шаҳри Хуҷанд (собиқ Ленинобод) Иҷлосияи таърихии XVI-уми Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (даъвати дувоздаҳум) баргузор гардид. Ба бахти миллати куҳанбунёди тоҷик, дар ин иҷлосия сиёсатмадори ҷавон, вале инсони басо ҳам донишманду ғаюр ва марди матиниродаву дурандеш роҳбари давлати Тоҷикистони соҳибистиқлол интихоб гардид. Иҷлосияи мазкур қарорҳои мушаххасро оид ба хотима додани ҷанг қабул карда, роҳҳои созандагиро пешниҳод намуд.

Дар рафти баргузории ин иҷлосияи таърихию сарнавиштсози миллати куҳанбунёд Сарвари ҷумҳурӣ Эмомалӣ Раҳмон интихоб гардида, дар нахустсавганди ёдкардааш номбурда он замон чунин гуфт: «Ман оғози кори худро аз сулҳ сар хоҳам кард… Ман тарафдори давлати демократии ҳуқуқбунёд мебошам. Мо бояд ҳама ёру бародар бошем, то ки ватро ором намоем». 19-уми ноябри соли 1992 иҷлосия Акбаршо Искандаровро аз вазифаи Раиси Шурои Олӣ озод ва Эмомалӣ Раҳмон бо роҳи овоздиҳии пинҳонии кулли иштирокчиёни Иҷлосияи таърихии дар Қасри Арбоб баргузор гардида Раиси Шурои Олӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон пазируфта шуд, ки ин падидаи он айёми басо ҳам даҳшатнок ба вуқуъ пайваста, ниҳоятан ба бурди миллат мубаддал гардид.

Дар шаҳри Хуҷанди бостонӣ вакилони мардумӣ дар Иҷлосияи XVI Шурои Олӣ барои тақдири минбаъдаи Тоҷикистон ва ба охир расидани ҷанги таҳмилии бародаркушӣ, ба даст овардани сулҳ ва ҳамдигарфаҳмӣ барпо намудани Ҳукумати конститутсионӣ кӯшишҳои зиёд намуданд.

Баъди ба охир расидани Иҷлосияи таърихӣ Ҳукумати нави Тоҷикистон кори худро дар пойтахти мамлакат - шаҳри Душанбе оғоз бахшид. Дар таърихи 12-уми декабри соли 1992 Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шаҳрвандон муроҷиат намуда, нақшаи асосии сохтмони ҷомеаи демократиро муайян кард. Иҷлосияи XVI Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аҳаммияти бузурги таърихӣ дошт.

Бо мақсади таъмини сулҳ ва оштии миллӣ дар Тоҷикистон моҳи апрели соли 1994 гуфтушуниди байни тоҷикон оғоз ёфт. Музокирот дар байни ҳайати Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Иттиҳоди мухолифини тоҷик борҳо дар Федератсияи Россия, Афғонистон, Туркманистон, Қазоқистон, Қирғизистон, Покистон ва инчунин дар шаҳрҳои Теҳрон, Машҳад, Исломобод, Алмаато, Ашқобод, Бишкек, Москва барпо гардиданд. Дар гузаронидани раванди гуфтушунидҳо ва ҳамзамон бо мақсади ба даст овардани сулҳу ваҳдати миллии сартосарӣ саҳми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон хеле калон аст.

Ҳамин тариқ, метавон зикр намуд, ки сулҳу ваҳдати миллии сартосарӣ барои Тоҷикистони соҳибистиқлол хеле гарон ва бо роҳи мушкилу тӯлонӣ ба даст омад.

Як нуктаро таъкид намудан ба маврид аст, ки муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар таърихи тоҷикон яке аз роҳбароне мебошанд, ки беҳтарин хислатҳои роҳбариро дар вуҷуди худ парваридаанд.

Беҳуда нест, ки бархе аз олимони сиёсатшиноси бурунмарзӣ Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар қатори Федератсияи Россия, Беларус ва Қазоқистон «локомотиви рушди ҳамгироии Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил» ном мебаранд.

Ҳамин тариқ, гуфтаҳои боло шаҳодат медиҳанд, ки воқеан ҳам Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои муаззами миллати мо, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ягона шахсияте мебошанд, ки баъди ба даст овардани Истиқлоли давлатӣ ва ба имзо расонидани Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризояти миллӣ дар Тоҷикистон, баъд аз эҳё намудани давлати бузурги тоҷикон, Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар Созмони Милали Муттаҳид ҳамчун субъекти комилҳуқуқи муносибатҳои байналмилалӣ муаррифӣ намуда, дар мувофиқасозии санадҳои байналмилалие, ки сарчашмаи ҳамкориҳои Тоҷикистон гаштаанд, саҳми беандоза гузоштанд ва дар таҳким ва рушди чунин ҳамкориҳои судманд ҳамеша ҷаҳду талош менамоянд.

Хулоса, баробари сиёсати муваффақи дохилӣ аз ҷониби Пешвои муаззами миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо номи “Сиёсати дарҳои кушод” тарҳрезӣ гардид, ки он ба сифати яке аз омилҳои асосии таҳкими пояҳои Истиқлоли кишвар дар сарнавишти таърихии тоҷикон дар охири ҳазорсолаи дувум ва оғози ҳазорсолаи саввуми милодӣ нақши фавқулода ва басо ҳам муҳиммеро ба мерос гузошт.

***Фозил Самӣ ЁРЗОДА,***
***номзади илмҳои педагогӣ***
***Райҳон МИРЗОЕВА,***
***муҳаққиқ***

**“Эмомалӣ Раҳмон бо шӯру шавқи миллӣ ва номуси ватандорӣ ба вазифаи Раиси Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пазируфта шуда, аз рӯзҳои нахустини ҳукуматдорӣ бо такя бар виҷдону имон фазои муносиби ҳамдигарфаҳмӣ ва муҳити бози сиёсию иҷтимоӣ ва фарҳангӣ муҳайё сохт”.**

***Фарҳод Раҳимӣ,***
***академик***

# ЭМОМАЛӢ РАҲМОН - ТАШАББУСКОРИ ҲИФЗИ ПИРЯХҲО ВА ОБУ ИҚЛИМ

Аз қадимулайём мардуми тоҷик ҳамчун ташаббускору бунёдкор ном баровaрда, созандагӣ як рукни ҳаёт ва талошҳои пайвастаи ин миллат маҳсуб ёфта, аз асрҳои қадим ҳамчун нишони рӯзгори осоишта ва ҳамзамон гувоҳ аз тамаддуни пурғановат ва фарҳангсолории миллат дарак медиҳад.

Маҳз ана ҳамин гуна маҷрои тамаддунофарию фарҳангпарастӣ ва талошҳои шабонарӯзии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои муаззами миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон миллати барӯманди тоҷикро тавассути хидматҳои арзандаи Эмомалӣ Раҳмон дар арсаи ҷаҳон машҳур гардонида ба рушди Тоҷикистони муосир поя гузошта истодааст.

Лозим ба тазаккур аст, ки ташаббускориҳои бесобиқа ва ҳамзамон наҷибу арзишманди Ҷаноби Олӣ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар саросари олам бо итифоқи оро пазируфта шуданд. Чунончӣ огоҳем дар санаи 14 декабри соли 2022 ташаббуси навбатии Пешвои муаззами миллат дар соҳаи об аз ҷониби ҷомеаи ҷаҳонӣ – Созмони Милали Муттаҳид баҳои сазовори ҷомеаро сазовор гардид.

Барои далели гуфтаҳои фавқ, сухани Президенти Шурои Аврупо дар солҳои 2014 – 2019 ҷаноби Доналд Тускро иқтибос меорем, ки аз ҷумла номбурда чунин гуфтааст: “Имрӯзҳо на танҳо дар кишварҳои минтақа, балки дар ҷаҳон Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳамчун ташаббускори асосӣ дар ҳалли масъалаи норасоии оби ошомиданӣ ва ҳифзи захираҳои табиӣ дониста мешавад.”

Мутобиқи Қатъномаи Созмони Милали Муттаҳид ҳамзамон татбиқи маҷмуи ташаббусҳо, аз қабили эълон шудани “Соли 2025 – соли байналмилалии ҳифзи пиряхҳо” ва шуруъ аз соли 2025 минбаъд таҷлил гардидани санаи 21 – уми март ҳамасола муродиф ба Рӯзи байналмилалии Наврӯзи оламафрӯз ҳамчун “Рӯзи ҷаҳонии пиряхҳо” ва инчунин аз ҷониби Созмони Милали Муттаҳид таъсис ёфтани Хазинаи байналмилалии мақсадноки эътимод ҷиҳати ҳифзи пиряхҳо ва илова бар ин дар соли 2025 доир гардидани Конфронси байналмилалии сатҳи баланд оид масъалаҳои ҳифзи пиряхҳо дар пойтахти мамлакатамон шаҳри Душанбе ба нақшаи корӣ гирифта шудааст.

**“Обшавии босуръати пиряхҳо яке аз манбаҳои асосии оби тоза, андешидани тадбирҳои мушаххас, аз ҷумла пажӯҳиш, ҷамъоварӣ ва коркарди маълумот ва ҳамкориҳои амиқи байналмилалиро тақозо мекунад. Возеҳ аст, ки ин масъалаи доғ бояд дар меҳвари таваҷҷуҳи хоси ҷомеаи ҷаҳонӣ ва хусусан пешвоёни сиёсӣ қарор дошта бошад.”.**

***Эмомалӣ Раҳмон***

Бо дарназардошти он, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон манбаи асосии захираҳои об буда, дар даҳсолаҳои охир обшавии пиряхҳо шиддат гирифтааст, барои омӯзиши ин масъалаи муҳим дар ҷумҳурӣ «Маркази омӯзиши пиряхҳо» таъсис дода шуд. Дар доираи Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор, солҳои 2018-2028» бо дастури Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз санаи 27 марти соли 2018 таҳти рақами 162 «Маркази омӯзиши пиряхҳо» дар назди Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис ёфтааст, ки барои омӯзиши пиряхҳои Тоҷикистон бо истифода аз усулҳои муосир тадқиқоти бунёдӣ мебарад. Ин ниҳоди зарурӣ омӯзиши пиряхҳоро ба роҳ монда, ҳамзамон масоили марбут ба пиряхшиносӣ, инчунин гузаронидани таҳқиқоти илмиву экспедитсияҳои таҳқиқотиро дар сатҳи ҷумҳурӣ баргузор намуда, бар замми ин дар ҳамкории пайваста бо олимони хориҷӣ омӯзиши пиряхҳоро ба роҳ мондаанд, ки таҳқиқоти то имрӯз гузаронидашуда натиҷаҳои хуб дода истодаанд.

Бояд қайд намуд, ки таъсиси Муассисаи давлатии илмии «Маркази омӯзиши пиряхҳои Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон» яке аз иқдомҳои хирадмандона ва таваҷҷуҳи бевоситаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба арзишҳои муҳимми соҳа буда, яке аз дастовардҳои бузург ва муҳимми даврони Истиқлол ба шумор меравад.

Қобили қайд аст, ки бо ташаббус ва ғамхориҳои пайвастаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон имрӯз масъалаи тағйирёбии иқлим ва ҳифзи пиряхҳо, ки манбаи асосии оби ошомиданӣ ба ҳисоб мераванд, мавриди таваҷҷуҳи роҳбарияти давлат, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҷомеаи ҷаҳонӣ қарор гирифтааст.

***Саидбек ҒОЗИЕВ,***
***ходими калони илмии***
***Муассисаи давлатии***
***илмии “Маркази омӯзиши***
***пиряхҳои АМИТ”***

# ПЕШВОИ РАҲНАМО ВА ҒАМХОРИ ОРИЁТАБОР

**“Ман Ватани маҳбубам ва халқи азизамро сидқан ва беш аз ҷони худ дӯст медорам, зеро ман бо нону намаки халқи бузургворам ба ин мартаба расидаам ва ин нону намакро то нафаси вопасини ҳаётам пос медорам”.**

***Эмомалӣ Раҳмон***




Дар масири таърихи ҳар халқу миллат саҳифаҳои пур аз корнамоиву қаҳрамонӣ ва пурарзише ҳастанд, ки иқдоми нек ва хираднамандонаи кулли фарзандони боназнгу номуси он дар ҳама давру замон маҳз ба нафъи мардум равона гардидаву ҳамзамон барои ташаккули ҳаёти маънавии насли ҷавон нақши муассире боқӣ гузошта метавонанд.

Бемуҳобот дар таърихи давлату давлатдории Ҷумҳурии Тоҷикистон Истиқлоли давлатӣ ва сулҳу суботи сартосарию Ваҳдати миллӣ ва инчунин якпорчагии миллат бузургтарин дастоварди сиёсие маҳсуб мeёбанд, ки ин дастовардҳои назарраси бо чашми сар дидаи мо имрӯзиён ормону омоли ҳазорон нафар фарзанди фарзонаи миллат буд, ки мутаассифона онҳо онро бо ҳасрату надоматҳои худ ба хоки хунук бурданд, гӯем ҳам ҳеҷ як иштибоҳе нахоҳем кард.

Маҳз, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои муаззами миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо афкори ояндасози худ ва ҷасорату садоқати нотакрору содиқ будан ба Ватани аҷдодиашон тавонистанд, ки орзую ормони ҳазорон нафар фарзандони ҷасуру мубориз ва ҷонфидои Ватанро баровара созанду миллати азияткашида ва зарра - зарра парокандаи тоҷиконро сарҷамъ намоянд.

Аз ин лиҳоз, дар саргаҳи сиёсати хориҷӣ ва таъмини сулҳу суботи сартосари тоҷикон, шаклгирии давлати миллӣ ва ҳамзамон марҳала ба марҳала рушду равнақ бахшидани тамоми самтҳои хоҷагии халқ нақши бориз Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои муаззами миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон басо ҳам калон буда, мактаби ҷавонмардиву шуҷоати ӯ бояд тарбиятгари насли ҷавону худшиносу ояндасози даврон бошад.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои муаззами миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз нахустин рӯзи ба иҷрои вазифа шурӯъ кардани худ на танҳо дар фикри хомӯш ва саркӯб намудани оташи ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ, ҳифзи тамомияти арзӣ, таъмини ҳаёти осоиштаи шаҳрвандон буданд, балки мавсуф ҳамчун як Лидери сиёсӣ ва сиёсатмадори варзида барои ояндаи дурахшон ва саодатмандии миллату кишвар аз самими қалби ҷавонии худ талош менамуду мегуфт: “Ман ба ҳар яки Шумо дар давраи барои Ватан хеле душвор муроҷиат карда, ба ақлу заковати Шумо, ки ворисони фарзандони барӯманди миллати тоҷик ҳастед, бовар мекунам. Ман қасам ёд мекунам, ки тамоми донишу таҷрибаамро барои дар ҳар хона ва дар ҳар оила барқарор шудани сулҳ равона карда, барои гулгулшукуфии Ватани азизам садоқатмандона меҳнат мекунам.

Барои ноил шудан ба ин ниятҳи муқаддас, агар лозим шавад, ҷон нисор мекунам, чунки ман ба ояндаи неки Ватанам ва ҳаёти хушбахтонаи халқи азияткашидаам боварии комил дорам”.

Ба ҳамагон маълум аст, ки ҷанги шаҳрвандии таҳмилӣ миллати моро ба кадом ҳад расонида буд ва ба ҳеҷ як уммеди ба ин рӯзҳои нек расиданро надоштем.

Ба шарофати сиёсати хирадмандона ва ҷавлони саманди андешаҳои басо ҳам оқилонаю дурандешонаву ватанпарастонаи Президенти кишварамон муҳтарам Ҷаноби Олӣ Эмомалӣ Раҳмон миллати парокандаи тоҷик боз ба ҳамдигар муттаҳид гардидаву ҳамзамон оташи ин ҷанги хонумонсӯз ба шарофати талошу ҷонбозиҳои қаҳрамононаи ин абармарди миллат хомӯш гардид ва Тоҷикистони азизу арҷмандамон аз вартаи фаношавӣ берун омад.

Ҳанӯз аз замони Сарвари давлат интихоб шуданашон ин абармарди арсаи сиёсат дар рафти баргузории Иҷлосияи таърихии 16-уми Шурои Олӣ дар толори Қасри Арбоби шаҳри бостонии Хуҷанд тавваҷҷуҳи хосае ба ҳама самтҳои хоҷагии халқ намуда, бевосита таҳким ва пешрафти босуръату фароҳам овардани шароити хуби зиндагии арзандаи халқро масъулияти авалиндараҷаи худ ҳисобида, ҷиҳати оҷилан баланд бардоштани тамоми соҳаҳои калидии ҷомеа кӯшишу ғайрати зиёде ба харҷ доданд, ки натиҷаи назарраси онро мо дар зарфи се даҳсолаи охир бармало эҳсос менамоем, ки бароямон боиси эътибору эътироф маҳсуб меёбанд.

Шоири халқии Тоҷикистон Гурез Сафар бошад басо ҳам хуб фармуда:

*Такрор макун ғайбату бедодгарӣ,*
*Бигзар зи сари кӯрдилӣ, бебасарӣ.*
*Чашмат бикушо, бин, ки ту*
*дар хоби шабат*
*Нодида будӣ ин қадар ободгарӣ.*

Дигар аз самтҳои афзалиятноки хоҷагии халқ, муаррифӣ намудан ва ба ҷаҳониён нишон додани фарҳанги бою ғанӣ ва пурғановати миллати тоҷик мебошад. Мо миллати тоҷик таърихеро доро ҳастем, ки бо бузургӣ ва неруи он метавонем дар ҷомеаи ҷаҳонӣ ҳазорсолаҳои дигар ифтихор намоем ва худро соҳибтамаддуну соҳибмаърифат муаррифӣ намоем. Ба андешаҳои воло арҷгузорӣ ва эҳтироми хосаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои муътабари миллат, Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон нисбат ба забони тоҷикӣ ва гуфтугӯ дар минбарҳои бонуфузи ҷаҳонӣ бо ин забони ноби бузургони оламшумулу чеҳраҳои мондагор мисол шуда метавонанд.

Ҳодисаҳои таърихӣ бармало нишон доданд, ки забони модарии мо дар таҳким ва пойдории давлати азизамон нақши боризро бозидааст ва онро ҳифзу ҳимоя ва ба унвони як забони ноби тоза дар моушират давлатдорӣ шумоdан хизмати бузурге маҳсуб меёбад.

Пешвои муаззами миллат бошанд забонро рукни муҳимми давлату давлатдорӣ шуморида, борҳо аз минбарҳои бонуфузи ватанию хориҷӣ таъкид намуданд, ки “Забони тоҷикӣ дар навбати худ ба сифати муҳимми рукни давлатдории миллӣ, ваҳдату сарҷамъии миллати моро дар саросари кишвар таъмин сохт”.

Агар барои ҳар як миллат, пеш аз ҳама, забонаш муқаддас бошад, пас забони ноби тоҷикӣ барои ҳар яки мо дучанд ва ё даҳчанд муқаддас ва арзишманд мебошад. Зеро таърихи пурғановати миллати гувоҳ аст, ки забони давлатиамон дар барпо гардидан ва инчунин Истиқлоли комили сиёсиро соҳиб шудан нақши басо ҳам ҳалкунандаро бозидааст. Ба ифодаи шоир:

*Дар ҳаду сарҳадшиносии ҷаҳон,*
*Сарҳади тоҷик забони тоҷик аст.*
*То забон дорад, ватандор аст ӯ,*
*То забондор аст, бисёр аст ӯ.*

***Фаррух Набӣ ЁРЗОДА,***
***Гулноз САНГИНОВА***

# МЕЪМОРИ КОХИ СУЛҲУ ВАҲДАТ

Ваҳдати миллӣ ва Истиқлоли давлатӣ ду боли як парвоз буда, айни замон ба як қувваи бузурги созандаю муқтадире табдил ёфтаанд, ки метавонанд ояндаи миллати моро боз ҳам равшан ва инчунин раванди рушди иқтисодӣ, сиёсӣ ва фарҳангии онро боз ҳам таҳкиму тақвият бахшанд. Зеро Ваҳдати миллӣ назарияи созандаест, ки метавонад моро боз дар рӯҳияи Истиқлоли миллӣ, фарҳангфарӣ ва инчунин таҳаммулгарой тарбия намояд. Тавре, ки шоир низ гуфтааст:

*Бошад муҳаббати дил дар ҳар мароми*
*ваҳдат,*
*Ман ифтихор дорам аз ҳар каломи*
*ваҳдат.*

**“Тамоми мардуми кишвар, махсусан ҷавонон бояд ҳамеша дар хотир дошта бошанд, ки Ваҳдати миллӣ дар баробари Истиқлолият арзиши муқаддасу бебаҳои ҷомеаи мо ба ҳисоб меравад ва ба пешрафти ҳамаҷонибаи тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷомеа, беҳтар шудани сатҳу сифати зиндагии мардум, ободии Ватан, ояндаи давлати соҳибистиқлол ва давлатдории миллиамон ба ваҳдату ягонагии халқи Тоҷикистон ва сулҳу субот вобаста мебошад”.**

***Эмомалӣ Раҳмон***

Ба ибораи дигар Ваҳдати миллӣ на танҳо натиҷаи Истиқлоли давлатӣ, балки мисли ғояи умумимиллӣ дар радифи мафҳумҳои озодӣ, Истиқлол ва сулҳу субот пазируфта шудааст. Ваҳдати миллӣ ҳамзамон кафили соҳибистиқлолӣ, сулҳу оромӣ ва амнияту суботи сартосари кишвар мебошад. Он ҳамчун як омили пешрафти сиёсати пешгирифтаи Роҳбарияти давлати мо, тимсоли қутбнамоест, ки дар тафаккури мардуми тоҷик нақши бориз мебозад. Аз ҷониби дигар моҳияти Ваҳдати миллӣ дар шароити соҳибистиқлолии Тоҷикистон якчанд ҷанбаи нави маъноиҳоро касб мекунад, ки хоси давлати демократии дунявӣ мебошад.

Ваҳдатгароӣ аз замони бостон то ба имрӯз яке аз муҳимтарин ва арзишмандтарин неъмати бебаҳое ба шумор меравад, ки инсоният ҳамеша пайи амалӣ шудани он мебошад. Зеро Ваҳдати миллӣ мисли нафаресt, ки инсон ҳар лаҳзаи зиндагӣ ба ӯ ниёз дорад. Чунки дар тӯли ҳазорсолаҳо мардуми шарифи кишвари соҳибзафари мо бештари умрашонро бахри дифои марзу буми аҷдодӣ ва фарҳангу забони нобаш аз аҷнабиёни истилогар бахшидаву ҳамвора Ваҳдати миллиро тимсоли оби бақое дар решаву бунёди хеш донистааст. Дар ҳар даврy замон аз ин гуна муқаддасоти хеш дифо кардаву алоráғми бедодӣ дар дил ғаму ғуссаву дар лаб табассум доштааст.

Мусаллам аст, ки соҳибистиқлолии ҳар кишварро арзишҳои муқаддаси он чун сулҳу субот ва ваҳдату ҳамдигарфаҳмии ҷомеа муайян месозанд. Хушбахтона, маҳз ба шарофати соҳибистиқлолӣ ва хидматҳои мондагори Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои муаззами миллат, Ҷаноби Олӣ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон Тоҷикистони соҳибистиқлолу соҳибиқбол аз лаҳзае, ки ба сулҳу Ваҳдати миллӣ мушарраф гашт, саҳифаҳои наве дар таърихи давлату давлатдориаш марҳала ба марҳала оғоз гардид. Яъне, ба вуқӯъ пайвастани сулҳу ваҳдати миллии сартосарӣ сароғози ташаббусҳои бузург дар роҳи эъмори ҷомеаи демокративу ҳуқуқбунёд ва инчунин созандагию бунёдкориҳояш гардид, ки он як даставарди бузурге нодир ва таърихист.

Меъмори кохи устувори сулҳу ваҳдати миллии тоҷикон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳамеша ҳушдор медиҳанд, ки: “Мусолиҳаи миллии мо дар таърихи навини миллати куҳанбунёдамон дастоварди бузург ва беназир аст. Аз ин рӯ, ҳар фарде, ки худро фарзанди Тоҷикистони азиз мешуморад, бояд ба ин дастовард арҷ гузорад ва таҳкими сулҳу Ваҳдати миллиро рисолати шаҳрвандиву қарзи фарзандӣ донистa, ба халалдор гаштани он ҳеҷ гоҳ роҳ надиҳад.”

Тавре, ки мо - ҷавонон хуб медонем, яке аз дастовардҳои бузурги даврони соҳибистиқлолӣ ин ду падидаи нодири таърихӣ маҳсуб мeёбанд, ки якумӣ Истиқлоли давлатӣ ва дуюмӣ Ваҳдати миллӣ мебошад.

Ҷавонони саодатманду зодаи давронӣ истиқлол низ бо шукргузорӣ аз чунин фазои ободу озод ва аз ин хоки сарзамини нозанину биҳиштамсоли худ ва инчунин бо истифода аз неъматҳои гаронбаҳои Истиқлолу Ваҳдати миллӣ, ҳамзамон бо пуштибонӣ аз сиёсати пешгирифтаи дурандешонаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои муаззами миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷаноби Олӣ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо ифодаи ифтихори миллӣ дар роҳи бунёд ва эҳёи давлатдории навин, ваҳдату ҳамдигарфаҳмии сартосарӣ, ҳифзи муқаддасоти миллӣ ва муаррифии кишвар дар арсаи байналмилалӣ азму талош ва кӯшишу ғайрати ҷавонони далеру ғаюр ва ватандӯсту меҳанпарвари мо нақши бориз дорад.

Ҷавононро ҳамчун ояндасозони давлату миллат, қувваи пешбарандаи ҷомеа ва неруи мутаҳаррик эътироф кардани Сарвари давлат боиси болидарӯҳӣ ва ифтихори миллии ин қишри бунёдкору ояндасоз гардида, эътимоди ҳамаи онҳоро ба ояндаи дурахшони кишвар боз ҳам қавӣ ва масъулиятшиносро бахри ҳифзи дастовардҳои Истиқлоли давлатӣ ва сулҳу Ваҳдати миллӣ дучанд менамояд.

Самараи сулҳу ваҳдати миллӣ маҳз ба шарофати талошу мубориза҆ҳо ва ҷасорату далерии фарзанди шуҷои Ватан, Қаҳрамони Тоҷикистон, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои муаззами миллат, Ҷаноби Олӣ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба арсаи вуҷуд омад, ки дар ҷумҳурии соҳибистиқлоламон шароити осоишта фаро расида, имрӯз кишварамон давлати соҳибихтиёр, демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ гардида, инсон, ҳуқуқ ва озодиҳои ӯ эътибору арзиши олии худро дар байни дигар давлатҳои дунё соҳибанд. Бинобар ин ҳар яки мо мувазафем, ки беҳтарин арзиши муқаддасу бебаҳои миллати тоҷик асосҳои Ваҳдати миллиро аз хатару таҳдидҳои муосир дар замони ҷаҳонишавӣ ҳамеша ҳифз намоем. Зеро ваҳдат бақои миллат аст.

***Абдулвоҳид САТТОРЗОДА,***
***судяи Суди ноҳияи Фирдавсӣ***

# ОСОН НАБУВАД БА ДАЙ БАҲОР ОВАРДАН...

Таърихи пурасрори тоҷик борҳо собит намудааст, ки давлату давлатдории миллати мушкилнописанди мо сахтиҳои хорошикан ва боз эҳё шуданҳоро аз сар гузаронида, баъди ҳар як шикасту ноомадиҳо, ниҳоятан камолоти боз ҳам афзунтареро соҳиб гардидааст. Яке аз аввалин тадбирҳои муҳимме, ки ҳанӯз дар давраи аввали соҳибистиқлолӣ амалӣ гардид, ин қабули Конститутсия ва дар заминаи он ташаккул ёфтани низоми нави қонунгузории кишвар буд. Ин санади тақдирсози миллӣ заминаҳои ҳуқуқии бунёди давлатдории муосири миллӣ, асосҳои сохтори конститутсионӣ, кафолати таъмини соҳибихтиёрӣ ва ҳифзи манфиатҳои миллиро фароҳам оварда, кишвари моро дорои рамзҳои муқаддаси миллӣ - Парчам, Нишон, Суруди миллӣ гардонид.

Бо дарназардошти воқеияти аслии замони соҳибистиқлолии кишвар Пешвои муаззаму соҳибхиради миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар қисмати дуюми китоби «Забони миллат - ҳастии миллат» басо ҳам бамаврид зикр кардаанд: «Мо аз рӯзҳои аввали соҳибистиқлолӣ барои ғанӣ гардонидани забони адабии тоҷикӣ саъю талош намуда, ҷиҳати рушди он заминаҳои ҳуқуқӣ фароҳам овардем. Дар баробари ин як қатор санадҳо қабул карда, барои пешрафти он барномаҳои давлатиро роҳандозӣ намудем ва ба хотири бузургдошти ин рукни муҳимми давлатдориамон дар қонунгузориамон тағйирот ворид карда, ҳамасола Рӯзи забонро бо шукуҳу шаҳомат таҷлил менамоем».

Ташаккули марҳалаҳои нави таърих ва сабақи ибратомӯзи он собит намуд, ки дар миёни ҷашнҳои миллии мо Рӯзи Истиқлоли давлатӣ мақом ва мавқеи хосаи худро дорад. Зеро ин санаи нодири таърихӣ дар саҳифаҳои соҳибистиқлолии миллиамон яке аз рӯйдодҳои муҳимтарини таърихи навини кишварамон ба ҳисоб меравад.




Албатта бо дарки воқеияти рӯз, ҳаёти иҷтимоии кишвар дар давоми 32 соли соҳибистиқлолӣ тадриҷан ба куллӣ тағйир ёфта, масъалаҳои муҳимми хоҷагии халқ давра ба давра ҳалли худро пайдо намуда истодаанд.

Мавриди зикр аст, ки ба шарофати ба сари қудрат омадани абармарди арсаи сиёсат ва диловармарди хуштолеъ, Президенти мамлакат Ҷаноби Олӣ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мо ба шарофати Истиқлол соҳиби чунин дастовардҳои бузург ва муқаддасоти миллии худ гардидем. Маҳз бахти наку ва толеъу иқболи баланди мардумони шарифи Тоҷикистон будааст, ки чунин як Пешвои раҳнамои ғаюр ва нотарсу далери худро интихоб намуданд, ки аз байни халқи заҳматкаш баромадаву ҳамаи бурду бохт ва талошу муборизаҳояш оқибат боиси ба як идда дастовардҳои беназир соҳиб гардидану ба як давлати амнтарин ва мутараққӣ табдил ёфтани кишварамон гардид. Тавре Шоири халқии Тоҷикистон Низом Қосим гуфтааст:

*Сипар худро барои ҷисму ҷони Тоҷикистон кард,*
*Гузашт аз тирборону Ватанро меҳрборон кард.*

Ин шахсияти таърихӣ ва сиёсатмадори шинохтаи сатҳи ҷаҳонӣ нахустин сарваре дар таърихи давлату давлатдории тоҷикон ба шумор меравад, ки ҷони худро дар хатар гузошта, бо шиори «Ман ба Шумо сулҳу ваҳдат меорам!» ба фаъолият шурӯъ карда, оташи ҷанги таҳмилии шаҳрвандиро хомӯш намуданд; бо ҳадафҳои созандаву бунёдкоронаи худ халқи тоҷикро таҳти як парчам ва бунёдкориву созандагӣ муттаҳид карда, хонадони ҳар як сокини ин сарзамини нозанинро бо анвори гуҳарбори худ равшану музайян гардонид; дар ин даврони тақдирсоз дар роҳи худшиносиву хештаншиносии миллат марҳилаҳои комилан ҷадидро эҷод намуданд; мақому мартабаи Тоҷикистони тозаистиқлолро дар арсаи байналмилалӣ болову воло гузоштанд.

Ҳамагон хуб медонанд, ки маҳз ба шарофати ба сари қудрат омадани ин марди некмазҳар, пеш аз ҳама, давлатдории тоҷикон аз вартаи нобудӣ наҷот ёфта, миллати тоҷик бо хираду фитрати азалӣ дар арсаи ҷаҳони мутамаддин соҳиби ҷойгоҳи арзандаву муносиб гашт.

Пешвои муаззами миллат мардуми парешони аз ҷангу ҷидол хаста ва гурезаву навмедшударо боз ба ҳам овард. Шоири муосири тоҷик Гурез Сафар дар як шеъри худ хидматҳои муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро чунин ба қалам додааст:

*Осон набувад ба дай баҳор овардан,*
*Ё рӯшание бар шаби тор овардан.*
*Бар қалби зи ҳузн беқарори мардум*
*Осоишу шодиву қарор овардан.*
*Бар зини саманди орзуву армон,*
*Афтодаи зорро савор овардан.*
*Пайваста ба мисли боғбони доно*
*Гулбоғи умедро ба бор овардан.*
*Бигзашта зи байни оташи давру замон,*
*Бар сардии давр нуру нор овардан.*
*Бояд, ки чу Пешво Худодод шавӣ,*
*То битвонӣ бахту барор овардан.*

Маҳз ҷоннисориҳои зиёду азму талошҳои Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон боис бар он гаштанд, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳамчун давлати мустақил ва узви баробарҳуқуқи ҷомеаи ҷаҳонӣ, ҷойгоҳи сазовори худро дар арсаи байналмилалӣ пайдо кунад.

Дар маҷмӯъ, ҳамаи он иқдомоти бузурги созандагиву бунёдкорие, ки дар даврони соҳибистиқлолии Тоҷикистон амалӣ гардидаанд, маҳз ба шарофати заҳмати содиқонаи мардуми ватандӯсту соҳибхираду соҳибэҳтироми тоҷик ва фарзанди фарзонаи миллат, Пешвои муаззами миллат Эмомалӣ Раҳмон сурат гирифтаанд.

*Ҷавониро фидо кардам, диёрам то ҷавон бошад,*
*Гузаштам борҳо аз ҷон, ки ҷонаш дар амон бошад.*
*Чу аз ҳар ҷонибе сӯйи Ватан боди хазон омад,*
*Баҳорамро сипар кардам, ки эмин аз хазон бошад!*

***Баҳодур ИБРОҲИМЗОДА,***
***судяи Суди ноҳияи Рӯдакӣ***

# ҚАДАМИ УСТУВОР ДАР РАВАНДИ ҲАМКОРИҲОИ МИНТАҚАВӢ

Ба ҳамагон маълум аст, ки дар моҳи сентябри соли 2023 шаҳри Душанбе мизбони як қатор чорабиниҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, фарҳангиву илмии намояндагони кишварҳои Осиёи Марказӣ буд. Дар давоми ин рӯзҳо Вохӯрии панҷуми машваратии сарони давлатҳои Осиёи Марказӣ, Форуми ректорони кишварҳои Осиёи Марказӣ, ҳамоишҳои илмии ниҳодҳои илмии кишварҳои минтақа ва даҳҳо форуму ҳамоишҳои иқтисодиву фарҳангӣ баргузор гардиданд. Пеш аз ҳама баргузории чунин чорабиниҳои муҳим бо иштироки намояндагони кишварҳои минтақа гувоҳ аз рушди ҳамкориҳои мутақобилан судманди кишварҳои минтақа мебошад.

Дар рафти Вохӯрии панҷуми машваратии сарони давлатҳои Осиёи Марказӣ асосан панҷ ҳуҷҷати муҳим қабул гардид, ки фарогири масъалаҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, амниятӣ ва дигар масъалаҳои муҳимми сатҳи минтақа буданд.

Гарчанде, ки дар ҳамоиши мазкур мавзуъҳои матраҳгардида хело ҳам калидӣ буданд, вале дар он тамоми масъалаҳои сиёсӣ, амниятӣ, иқтисодӣ, фарҳангӣ, илму маорифи минтақа мавриди баррасӣ қарор гирифтанд, аз он ҷумла:

Доир ба масъалаи амнияти минтақа, сарони кишварҳо барои пешгирии таҳдиду хатарҳои экстремизму терроризм махсусан дар байни ҷавонон изҳори нигаронӣ намуда, вобаста ба он бурдани мубориза ҳам дар сатҳи кишварҳо ва ҳам дар сатҳи минтақа ба таври дастаҷамъона пешниҳод намуданд. Инчунин дар мавриди буҳрони Афғонистон ва таъсиси ҳукумати фарогир бо дарназардошти манфиатҳои ҳамаи минтақаҳо ва халқу миллатҳои ин кишварро арзёбӣ намуданд. Воқеан масъалаи Афғонистон, яке аз масъалаҳои доғ ва буҳронӣ барои худи ин кишвар ва минтақа ба шумор меравад. Чуноне Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон масъалаи таъмини амниятро барои кишварҳои минтақа зарурӣ шуморида, зимни суханронӣ дар ин ҳамоиш қайд намуданд: «Мо бояд ҳамеша дар хотир дошта бошем, ки омили амният муҳимтарин шарти татбиқи бомуваффақияти нақшаву амалҳои созандаи мост».

Вобаста ба таҳкими дӯстиву ҳамҷаворении нек дар ҳамоиш ҳуҷҷати муҳим қабул гардид, ки Изҳороти якҷояи сарони давлатҳои Осиёи Марказӣ буд, ки дар асоси он тамоми масъалаҳои дар сатҳи минтақа ба миёномада танҳо бо роҳи сиёсӣ ва дипломатӣ бо эҳтироми манфиатҳои якдигар ҳал карда мешаванд.

Аз ҷониби Президенти Тоҷикистон пешниҳод гардид, ки дар сатҳи минтақа Ассотсиатсияи ВАО-и кишварҳои Осиёи Марказӣ таъсис дода шавад. Ин аз он сабаб аст, ки ВАО яке аз ниҳодҳои муассири замони муосир ба шумор меравад.

Ҷавонон қувваи пешбарандаи ҷомеаҳои кишварҳо ба шумор меравaнд ва сафарбар намудани онҳо ба ҳаёти созанда, аз ҷумлаи талаботи замони муосир мебошад. Дар ин замина, ҳуҷҷати сеюм, ки дар ҳамоиши сарони кишварҳои минтақа қабул гардид, дар бораи сиёсати кор бо ҷавонон буд. Ин ҳуҷҷат ба он далолат мекунад, ки бояд оид ба пешгирии ҷавонон аз шомилшавӣ ба гурӯҳҳои экстремистиву террористӣ ва дохил шудани онҳо ба ҳаёти ҷамъиятӣ, фарҳангӣ, сиёсӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодии кишварҳо чораҳо андешида шаванд.

Дар мавриди масъалаҳои иқтисодӣ бошад, чунин пешниҳод гардид, ки минтақа ҳамчун минтақаи озоди савдо эълон гардида, монеаҳо дар асоси санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ бартараф карда, ҳамкориҳои иқтисодиву тиҷоратӣ таҳким ёбанд ва созишнома дар бораи нақлиёт ва транзит таҳия карда шавад. Дар ин замина бояд барномаҳо оид ба долонҳои манфиатовари нақлиётӣ таъсис дода шаванд, ки барои баромадан ба бозорҳои кишварҳои Чин, Осиёи Ҷанубӣ, Шарқи Наздик ва аврупоӣ бо истифода аз тарофаҳои судманд бошанд. Инчунин масъалаҳои ташкили платформаи ҳамгирошудаи рақамӣ барои ҳамлу нақли байналмилалӣ низ баррасӣ гардид. Вобаста ба ҳамин масъала дар вохӯрии сарони кишварҳои минтақа ҳуҷҷати рушд ва таҳкими роҳи заминӣ дар ҳудуди кишварҳои минтақа қабул гардид. Ин ҳуҷҷат барои он мусоидат менамояд, ки роҳҳои байни кишварҳо ҷавобгӯ ба стандартҳои ҷаҳонӣ бошанд ва инчунин савдои дохилӣ дар байни кишварҳои минтақа тавассути ҳамлу нақли заминӣ рушд намояд. Вобаста ба ин аз ҷониби Сарвари кишвари мо пешниҳод гардид, ки мо бояд «тарҳҳои калонҳаҷми нақлиётӣ-инфрасохториро мавриди татбиқ қарор диҳем. Тоҷикистон барои рушди ин соҳа ва табдили кишвар ба минтақаи мусоиди транзитӣ тамоми кӯшишҳоро ба харҷ хоҳад дод».

Ҳамзамон таъкид гардид, ки барномаи минтақавии комплексӣ оид ба рушди ҳамкориҳои иқтисодӣ, таъсиси марказҳои савдои назди сарҳадӣ, таъсиси платформаи савдои электронӣ, ба роҳ мондани барномаҳои алоҳидаи минтақавӣ оид ба рушди соҳаҳои саноат ва кишоварзӣ ба роҳ монда шавад.

Яке аз масъалаҳои муҳим, ки дар ин нишаст баррасӣ гардид, масъалаҳои дигаргуншавии иқлим, об ва энергетика буд. Чунин таклифҳо пешниҳод гардиданд, ки ҳамкориҳо дар ин самт танҳо ба нафъи ҳаёти бомароми иҷтимоӣ ва иқтисодии кишварҳои минтақа хоҳад буд.

Дар муносибат оид ба масъалаҳои фарҳангӣ ва илм низ пешниҳодҳо дар вохӯрии сарони кишварҳо садо доданд. Аз ҷумла қайд гардид, ки минтақаи Осиёи Марказӣ қаламрави бузурги илмиву фарҳангӣ буда, таърихан дар рушди тамаддуни ҷаҳонӣ саҳми арзанда гузоштааст. Имрӯз бояд он мероси бузурги маънавии халқу миллатҳои минтақа ҳифз ва арзёбӣ шаванд, ки қадами устувор дар муқобили таҳдидҳои ҷаҳони муосир аст.

Инчунин дар вохӯрии сарони кишварҳои минтақа ҳуҷҷати дигар, дастурамал дар бораи кори Шӯрои ҳамоҳангсози миллӣ оид ба вохӯриҳои сарони давлатҳои Осиёи Марказӣ қабул гардид, ки як ниҳоди ҳамоҳангсоз бояд таъсис дода шавад, ки омӯзиши иҷрои масъалаҳои матраҳгардидаро таҳлил намуда, барои фаъолияти минбаъда пешниҳодҳоро ироа намояд.

Ҳуҷҷати панҷум, ки дар раванди ин ҳамоиши сатҳи баланд қабул гардид, харитаи роҳ оид ба таҳкими ҳамкориҳо дар самти тандурустӣ ва некуаҳволӣ барои солҳои 2022-2025 буд.

Ҳамин тариқ, Вохӯрии машваратии сарони давлатҳои Осиёи Марказӣ барои рушди муносибатҳо ва ҳамкориҳои байнидавлатӣ такони ҷиддие дод. Кишварҳои минтақа дар солҳои охир фаъолияти хуб барои рушди ҳамкориҳо нишон дода истодаанд. Баргузории чунин чорабиниҳо ба он шаҳодат медиҳад, ки дар оянда минтақаи Осиёи Марказӣ ба яке аз минтақаҳои амн, устувор ва аз ҷиҳати иқтисодӣ пешрафта табдил хоҳад гардид. Чуноне Президенти кишвар, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қайд намуданд: «Итминон дорам, ки Вохӯрии машваратии ҷашнии имрӯза боз як тасдиқи дигари иродаи устувори сиёсии мо барои таҳкими ҳамаҷонибаи ҳамкории байнидавлатӣ ба манфиати мардумони бародари мо хоҳад буд».

Ҳамин тариқ, масъалаҳое, ки дар нишасти мазкур баррасӣ гардиданд, қадами таҳкимбахш дар рушди ҳамкориҳои байнидавлатии кишварҳои минтақа хоҳад буд. Ҷумҳурии Тоҷикистон бо пешбурди сиёсати хориҷии муваффақ яке аз пешоҳангони кишварҳои Осиёи Марказӣ нисбат ба масоили зикршуда мебошад. Вохӯрии панҷуми машваратии сарони давлатҳои Осиёи Марказӣ боз як бори дигар исбот намуд, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ибтидо то ба имрӯз муносибатҳои байнидавлатиро бо кишварҳои минтақа дар асоси принсипи ҳамҷаворӣ, дӯстии мутақобилан судманд ба роҳ монда, оид ба масъалаҳои актуалии минтақавӣ пешниҳодҳоро ироа менамояд.

Инчунин нишасти мазкур нишон дод, ки кишварҳои минтақа қодиранд, масъалаҳои калидии минтақавиро дар якҷоягӣ ҳаллу фасл намоянд. Ин аз он сабаб аст, ки ин кишварҳо таърихан зарфияти ҳамкориҳоро доранд ва имрӯз онро танҳо метавон такмил дод. Баргузории чунин нишастҳо, вохӯриҳо ва ё аъзо будан дар созмонҳои минтақавӣ метавонад барои ҳамгироии кишварҳои минтақа ва рушди ҳамкориҳои мутақобилан судманд кӯмак намояд.

***Нусратулло ЗОКИРЗОДА,***
***номзади илмҳои фалсафа***

БАХШИДА БА 85-УМИН ЗОДРӮЗИ УСТОД БОЗОР СОБИР

# ЗИ ЁДАШ ҒАРҚАИ ГУЛ САҲНАҲОИ ХОТИРОТИ МО...

***Аз зодрӯзи шоири ашъори ватанпарваронаву миллатхоҳона, шеърҳои пур аз лутфу ҷузъиёти ҷолиби табиату инсон барои бачаҳо, тарҷумаҳои устодона ва мақолаҳои дилрас, барандаи Ҷоизаи давлатии ба номи Абӯабдулло Рӯдакӣ, дорандаи ордени «Ситораи Президент» Бозор Собир, ки эҷодаш аз меҳру муҳаббати фарзандӣ, мушоҳидаҳои амиқу нозук, хаёлоти баландпарвоз ва назокату латофат саршоранд, 85 сол мегузарад.***

Бозор Собир 20 ноябри соли 1938 дар деҳаи Сӯфиёни ноҳияи Файзобод дар хонадони хидматчӣ таваллуд шудааст. Бино бар бемаҳал аз падар маҳрум мондан дар мактаб-интернати ноҳияи Ҳисор тарбият гирифтааст.

Баъди хатми Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон муддате тарҷумонии мутахассисони шӯравӣ дар Афғонистон, сипас мудирии шуъбаҳои назми рӯзномаи «Маориф ва маданият» ва маҷаллаи «Садои Шарқ», солҳои зиёд мушовирии назми Иттифоқи нависандагони Тоҷикистонро бар уҳда дошт, соли 1990 депутати халқии Тоҷикистон интихоб шуда буд.

Фаъолияти эҷодиаш аввали солҳои шаст оғоз ёфт ва солҳои ҳафтод ба сифати гӯяндаи шеъри ватандӯстона ва шоири нозукхаёли лирик шуҳрат ёфт.

Маҷмӯаи нахустини шеъраш бо номи «Пайванд» соли 1972, замоне аз чоп баромад, ки ба қавли Муъмин Қаноат ҳам дар ҳаёт ва ҳам дар адабиёт ба камол расида буд. Вале ин ҳама солҳо сарфи ҷустуҷӯю омӯзиш ва дарку эҳсоси амиқи шеъру шоирӣ буд, ки заминаи шеъри нави бозорсобирона шуд.

«Тоҷикистон», «Забони модарӣ», «Бухоро», «Аҳмади Дониш», «Айнӣ», «Шоиру шеъре агар ҳаст…», «Девори Бухоро», «Теғи Сино», «Китоби «Тоҷикон», «Аз хуни Сиёвушем» ва бисёр шеърҳои дигараш бо нигоҳи тозаву амиқ, ваҷду эҳсоси шоирӣ ва меҳри ватандорию ҷасорати шаҳрвандӣ эҷод шуда, сафҳаҳои пурифтихору фоҷиавии таърихи миллатро бозгӯ кардаанд ва дар тарбияи чанд насли хонандагон дар рӯҳи худогоҳию худшиносӣ ва парвариши завқи суханфаҳмию шеърдонии онҳо нақши бузург бозиданд.

Соли 1995 ба Штатҳои Муттаҳида ҳиҷрат намуда, 29 майи соли 2013 бо даъвати Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Ватан баргашт. Дар ғурбат низ ҳамеша бо Ватан буд ва бо шеъри баланди тоҷикона ва муассиру фарогираш дар ваҳдату эҳёи Тоҷикистони соҳибистиқлол ва худогоҳии бештари миллат саҳми арзишманде гузошт. Бисёр шеърҳояш, ки тарона шудаанд, ба сурудҳои умумии мардум табдил ёфта, пайваста дар маъракаҳои бузурги фарҳангӣ ва аз тариқи радиову телевизион садо медиҳанд ва дар тақвияти сарҷамъию ваҳдат ва фахри миллию шуҷоати ватандории миллат, бахусус ҷавонон, басо таъсир бахшанд.

Ба ҳамаи маҷмӯаҳои ашъораш тозагии забону баён ва маъниву образҳо, умқи эҳсосу идрок, тасвирпардозии бесобиқа ва мусиқии дилнавози сухан хос аст. Ин сифатҳо, бахусус, дар ашъори маҷмӯаи «Бо чамидан, бо чашидан…» возеҳу барҷаста ҷилвагар шуданд ва соли 1988, бо пешниҳоди озоду мустақими иштирокдорони пленуми Иттифоқи нависандагон, барои ҳамин китоб шоир барандаи Ҷоизаи давлатии Тоҷикистон ба номи Абӯабдулло Рӯдакӣ гардид.

Бисёр шеърҳояш ба забонҳои халқҳои собиқ шӯравӣ, инчунин англисию олмонӣ, фаронсавию испанӣ ва чехию лаҳистонӣ тарҷума ва чоп шудаанд.



Худ низ шеъри бисёр шоирони маънiофарину тасвиркори дунё, аз ҷумла Ҷорҷ Байрон, Артур Рембо, Гийом Аполлинер, Афанасий Фет, Пабло Неруда, Эдуардас Межелайтис ва дигаронро ба тоҷикӣ гардондааст. Тарҷумаҳояш ҳам дигаргуна буда, забону баён, сабку услуб ва шахсияту шеърияти ҳар шоирро рӯшану дилрас ифода мекунанд. Аз ин ҷиҳат бахусус тарҷумаи ашъори зиёди шоири машҳури рус Сергей Есенин, ки дар маҷмӯаи «Гулафшон» (нашриёти «Ирфон», 1977) ба чоп расидааст, сазовори таъкид аст. Маҳбубияти тарҷумаҳои мазкур ба ҳадде буд, ки чандинаш чун сурудҳои соф тоҷикӣ ба оҳанг даровarда шуданд ва ба таронаҳои маҳбуби мардум табдил ёфтанд.

Дар ҳаёти ҷомеа ва муҳити адабӣ фаъолона ширкат меварзид, дар мавқеи як ватанпарвару миллатдӯсти воқеӣ устувор буд ва нуқтаи назари худро оид ба масъалаву мушкилиҳои ҳаёту адабиёт рӯшану ошкоро ва воқеъбинонаву созанда баён медошт. Аз ин рӯ, ҳар мақолаву мусоҳибааш, аз як тараф мавриди таваҷҷуҳ ва қабули гарм, аз ҷониби дигар боиси номувофиқию тардиди доираҳои гуногуни ҷомеа мегардид.

Навиштаҳояш дар бораи шеъру шоирии Нодири Нодирпур, Муъмин Қаноат, Ғаффор Мирзо, Лоиқ Шералӣ, Убайд Раҷаб, Мастон Шералӣ, навиштаҳояш дар бораи рухдодҳои ҳаёту адабиёт, силсилаи мақолаҳояш оид ба давраи ғурбат ва хотираҳояш дар бораи кӯдакию пайвандон басо воқеию шоирона буда, чун ашъори тасвириаш манзараву симоҳоро пеши назар ҷилвагар мекунанд ва дар баҳододи адабию ҷамъиятии онҳо басо муфиданд.

Солҳои мушовирии назми Иттифоқи нависандагон буданаш дар тарбияи як идда шоирони ҷавони хушқареҳа хидмати бедареғи бесобиқа кардааст. Натанҳо ба онҳо маслиҳату машварат додаву ба роҳи дурусти эҷод раҳнамуниашон мекард, балки бо сарсуханҳои дилбардору рӯҳбахш махсусияти ҳар кадомашонро таъкид намуда, дар таҳқиқи батадриҷи шеъри ҷавонон саҳми арзанда гузоштааст. Тасвиркорию мушаххасгӯие, ки батадриҷ дар адабиёт, бахусус шеър, имтиёз пайдо кард, маҳз бо шоирию мушовирии Бозор Собир вобастагӣ дорад.

Барои хидматҳои бузургаш дар ривоҷи равнақи адабиёт ва саҳмаш дар ҳаёти ҷомеа соли 2013 бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ордени «Ситораи Президент» мушарраф гардид.

1 майи соли 2018 дар шаҳри Сиэтли штати Вашингтони Амрико аз олам даргузашт. Бо дастури Пешвои миллат наъшаш ба Душанбе оварда, дар мазористони Лучоб ба хок супурда шуд.

## ЗАБОНИ МОДАРӢ

Ҳарчи ӯ аз моли дунё дошт, дод,
Хиттаи Балху Бухоро дошт, дод,
Суннати волою девон дошт, дод,
Тахти Сомон дошт, дод.

Душмани донишгадояш «Дониш»-и Сино гирифт,
Душмани бесуннаташ девони Мавлоно гирифт,
Душмани суратпарасташ сурати Беҳзод бурд,
Душмани бехонааш дар хонаи ӯ ҷо гирифт.

Дод ӯ аз даст гурзи Рустаму Суҳробро,
Барбарони нотавонеро тавоно кард ӯ,
Номи худро ҳамчу гӯри Рӯдакӣ аз ёд бурд,
Қотилони хешро машҳури дунё кард ӯ.

Қомати кӯтоҳи манғит
Аз манори каллаи аҳли Хуросон шуд баланд,
Пастии саҳрои Қипчоқ
Аз баландии Бадахшон шуд баланд.

Халқи тоҷик –
Халқи армон,
Об дар чашм
Чун ятимон,
Дар лабаш хашм
Чун асирон,
Аз Ватан то бар кафан ҳар буду нобуде, ки буд,
Бар ватанталбу кафанталбандаҳо бахшиду дод,
Душмани дарвеши худро
Шоҳу доро карду худ дарвеш шуд.

Дар миёни тангчашмоне, ки дар чашмонашон
Солҳои тангиро медид ӯ,
Гаҳ дар оташ,
Гоҳ дар об,
Таҳ ба таҳ бо сӯхтанҳои манори суғдиёнаш сӯхт, сӯхт,
Бо харобиҳои девору дари Афросиёбаш шуд хароб.

Лек лафзи модариаш
Ҳамчу шири модараш
Дар забону дар даҳонаш монд, монд,
Ҳар сухан бо шири модар
Сахт шуд дар устухонаш, монд, монд.

Худ ба худ дар гӯшаи хоки диёр
Аз ҷудоӣ,
Аз ғарибӣ
Ӯ гиристу гиряҳо бар обшорон ёд дод,
Лафзи кӯҳистоние бар боду борон ёд дод,
Рӯдҳоро Рӯдакидон кард ӯ,
Бодҳоро Анварихон кард ӯ.

Рӯзи ноободиаш тоҷик забон обод кард,
Дар забонаш давлати бедавлатӣ бунёд кард –
Давлате аз ҳарфи вазнин,
Давлате аз шеъри рангин,
Аз чунон шеъре, ки ҳар як мисрааш
Ҷӯяе аз хуни сарбозони ӯст,
Тораи нуре аз оташҳои зардуштони ӯст.

Гӯиё чун сайди маҷрӯҳ
Ӯ ҷароҳатҳои худро
Гаштаву баргашта лесид,
Бо забони худ даво кард.

Дар сарояш тоҷик аз бахти нагун
Гарчи бо габру мусулмон
Ҳамсаро буд,
Ҳамрасулу ҳамхудо буд,
Дар забон аммо ҷудо буд.

Аз сари сад минбар афтоданд нозирҳои ӯ,
То наафтанд аз забони хештан,
Дар сари сад дор ҷон доданд шоирҳои ӯ,
То наафтад бар замин қадри сухан…

Дар ҳаду сарҳадшиносии ҷаҳон
Сарҳади тоҷик забони тоҷик аст,
То забон дорад, ватандор аст ӯ,
То забондор аст, бисёр аст ӯ.

# НАФАСИ ГАРМ

***Аз зодрӯзи нависандаи маъруф, барандаи Ҷоизаи Рӯдакӣ Сайф Раҳимзоди Афардӣ 70 сол сипарӣ шуд***



Дар чанд соли охир як зумра носирони ҷавоне ба саҳнаи адабиёт дохил шуданд, ки азму кӯшиши зиёди сухани тозае гуфтан доранд. Эҷодиёти онҳо аз он ҷиҳат ҷолиб аст, ки қариб ҳар яке соҳиби тарзи махсуси мушоҳида ва ифода, тариқи хосаи забону баён мебошад.

Дар байни ин гурӯҳ овози Сайф Раҳим баланду ҷозиб аст. Повести «Ситораҳои сари танӯр»-и ӯ, ки дар маҷаллаи «Садои Шарқ» чоп шуд, бо нафасу рӯҳияи тоза ва забону баёни ҷолибаш диққати дӯстдорони каломи бадеъро ба худ кашид. Маҷмӯаи нахустини нависандаи ҷавон «Ситораҳои сари танӯр» (нашриёти «Ирфон», Душанбе, 1984) бо ҳамин асари шоиставу хонданӣ шурӯъ мешавад.

«Ситораҳои сари танӯр» повестест, ки асосашро таҳлили амиқи психологӣ ташкил медиҳад. Онро хонда, кас ба хулосае меояд, ки Сайф Раҳим ба воқеабандиву сюжетсозӣ он қадар мароқ надорад, балки ҳама ҳунару маҳораташ ба ифодаи дунёи ботинии қаҳрамонон равона аст. Аз ин рӯ, воқеаҳои асарҳои ӯ, ки дар доираву муҳити оддиву табиии тоҷикӣ ҷараён доранд, аз ҷиҳати шиддати ботинии худ хеле фарогиранд. Ба дараҷае фарогиранд, ки кас хонанда буданашро фаромӯш мекунад, ба муҳити асар дохил шуда, то анҷоми он ҳамроҳи қаҳрамонон амал менамояду дергоҳ дар дунёи онон мемонад.

Қаҳрамони асосии «Ситораҳои сари танӯр» Робияи хурдсолу дилогоҳ аст. Повест аз забони ӯ нақл мешавад. Ин тарзи таълиф, яъне аз забони қаҳрамони хурдсол нақл кардани воқеаҳои асар на ҳамеша муваффақиятнок аст. Зеро дар повест лаҳзаву воқеа ва характерҳои зиёде ҳастанд, ки асосан аз назари қаҳрамони хурдсол баёну маънидод мешаванд. Хавф дар он ҷост, ки баъзан ин баёну маънидод ба синну сол ва ҷаҳонбиниву ҷаҳонфаҳмии кӯдак созгор нест, ки мисолаш дар адабиёт дучор меояд. Боиси хурсандист, ки Сайф аз уҳдаи мувофиқ кардани дунёи моддӣ ва дунёи дили қаҳрамони хурдсолаш ба хубӣ баромадааст, яъне, нақли Робияи рамузфаҳму доно басо табиӣ ва муассир аст.

Дарвоқеъ, дар дигар асарҳои нависандаи ҷавон (ҳикояи «Гунҷишки сафед») ҳам чунин қаҳрамонон амал мекунанд. Бо вуҷуди хурдсолӣ онҳо дунёро хеле калон мебинанд, бо масъалаҳои калони зиндагӣ сари кор доранд. Ба мушоҳидаи нозуки муаллифи сарсухани китоб Гулрухсор Сафиева «онҳо хатоҳои калонсолон, балки хатоҳои зиндагиро дарк мекунанд ва ба тариқи худ онҳоро таҳрир кардан мехоҳанд».

Робияи «хурдсоли калонкор» аз ҳамин қабил аст. Кӯдаки ҳассосест ӯ, ки аз ҳар рӯйдод рамзу маънии ниҳоне дармеёбад. Ӯ ҳосили хатои ҷавонии модар аст ва бе падар ба воя мерасад. Номаҳои кухнаи сандуқ – мукотибаи деринаи волидон духтарак ва тавассути ӯ хонандаро аз ҳамаи воқеа бохабар мекунанд.

Сайрам – модари Робия ҷавонзани фирефта, вале оқилаву бофаросатест. Ӯ тан ба меҳнати ҳалол додааст ва ҷигаргӯшаашро, ки ёди ишқи нахустинаш аст, бо нони ҳалол калон мекунад. Бо вуҷуди нобарории ишқу зиндагӣ дилмонда нест, аз касе наменолад, агарчи аз касе низ намеболад.

Дар повести нахустинаш Сайф Раҳим як силсилаи образҳои аҷибу хотирнишин офарида, дунёи ботиниашонро моҳирона кушодааст. Бояд гуфт, ки аксари онҳо бозёфти нависандаи ҷавонанд ва аз ҳунари хуби характерофарии ӯ гувоҳӣ медиҳанд.

Аз он ҷумла образи Қодир хеле ҷолиб аст. Ӯ узви бригадаи симҷӯббардорон аст ва ба деҳае, ки Робияву модараш зиндагӣ мекунанд, «рӯшноӣ меоранд». Дили софу беғаш ва кӯдаконае дорад ӯ. Ҳар кору рафтораш Робияро ба ӯ моил мекунад, дар дилаш меҳри ӯро мепарварад, зеро кору рафтораш ҳама сода, табиӣ ва самимист.

Боиси меҳри тарафайни Қодиру Робия хислати муштарак – покии ниятҳояшон аст. Нависанда падидаҳои онро бо маҳорат ва хеле табиӣ нишон медиҳад. Суҳбати Қодир бо ин духтараки танҳо ва каме дилшикаста басо ҷолиб аст. «Мо барои ту рӯшноӣ меорем» – мегӯяд ӯ ва ба Робия лампочка туҳфа мекунад. Умуман, кулли рафтори ӯ рамзи сафедиву рӯшноист.

Ҳамкори Қодир – Бекмурод бошад, тамоман баракси ӯст. Робия, ҳамон дараҷае, ки ба Қодир меҳр бастааст, ба Бекмурод нафрат дорад. Ва, чӣ хеле ки меҳраш ба Қодир варзидаву шоиста аст, нафраташ ба Бекмурод низ ҳамон гуна сазовору барҷост. Қодир аз аввал ба дили кӯчаки ӯ нишаст, Бекмурод аз аввал дили кӯчакашро шикаст ва оқибат дар назари ӯ ба ҳайкали зиштӣ табдил ёфт. Ин марди дилсиёҳ ба ҳама неш мезанад, ба ҳама бо чашми шубҳа менигарад. Ана, Робия дар хусуси ӯ чӣ мегӯяд: «Ман ҳам ба чашми ӯ нигоҳ кардам: чашмонаш тӯтаи дудагирифтаи печка барин буданд – сиёҳ, чуқур, холӣ…»

Ҳамин тавр, образҳои повест хеле табииву самимианд. Ҷиҳати ҷолиби асар боз он аст, ки образҳо на бо тавсифу сухани муаллиф, балки бевосита – бо гуфтору кирдори худ кушода мешаванд. Ба он маънӣ, ки мунтазам дар амалиётанд. Зоҳиран на ҳамеша, вале ботинан ҳамеша дар ҳаракатанд онҳо.

Забони шевою зебо ва рамзу ишораҳои барҷо ҳусни повестро афзудаанд. Дарвоқеъ, рамзу киноя аз санъатҳоеанд, ки дар асарҳои Сайф хеле зиёд ва корагар истифода мешаванд. Ин ҳам як воситаи гурези адиб аст аз баёни муҷарраду бевоситаи воқеаву ҳодисаҳо. Масалан, нависандаи ҷавон ягон бор намегӯяд, ки Валихӯҷаи бригадир нони Сайрамро бисёр хӯрдаасту намакашро пос намедорад. Вале як ҷумлаи бамаънӣ – «…ӯ ба даруни танӯр нос туф карду ғазаболуд аз дарвоза берун рафт» – гувоҳи равшани ҳол аст ва тинати ин образро бахубӣ нишон медиҳад. Тасвири мазкур ишораи моҳиронаи мақоли пурмаънии халқ аст. Баракси Валихӯҷа, Қодир, ки бояд ба болои танӯр лампочка бичаспонад, мегӯяд: «Ман поямро ба лаби танӯр намемонам». Ё худ мактубҳои кухнаву пуралами модарро барои пешдаргирон овардани Робиячаи донову рамузфаҳм рамзи гузашти он сабақу рӯзгори талх ва оғози зиндагии ширинест.

Дар маҷмӯа боз ду ҳикоя ва ду очерки нависанда фароҳам омадаанд, ки аслан ҳамрӯҳу ҳамсадои повести «Ситораҳои сари танӯр»-анд. Қаҳрамони ҳикояи «Гунҷишки сафед» ҳам чун Робия хаёлпарасту афсонасоз писаракест. Орзуи парвоз ӯро ҳеҷ ором намегузорад, гунҷишки сафед шудан мехоҳад. Писарак дар хобу хаёлаш парвоз дорад. Хобҳояш ҳам аҷибанд: гоҳ бо аловков аз чашми ситораҳо шарора мерезонад, гоҳ дар даҳони моҳ садбаргҳо мебинад. Боре бо орзуи парвоз аз болои бом мепарад, ҳама аз ин рафтораш мушаввашу ҳайронанд, вале ӯ, бехуду беёд боз гунҷишки сафеду осмони кабудро хоб мебинад.

Ҳикояи дигари маҷмӯа «Падруду пайғом» ном дорад. Ин ҳикоя аз ҷиҳати ҷамъбасти фалсафиву васъати тафаккур басо ҷолиб аст ва онро метавон яке аз намунаҳои беҳтарини насри ҷавонон шумурд. Зоҳиран сюжети ҳикоя оддист: пирамарди ҳаштодуҳаштсола дар дами марг асту қаҳрамони ҳикоя Мардон ба аёдати ӯ омадааст. Мӯсафед, ки гоҳ бахуд асту гоҳ бехуд, ҷавонро намешиносад ва бародари ҷавонмарги ӯро ёд меорад. Бо вуҷуди фоҷиае, ки дар ҳикоя тасвир шудааст, маҳаки онро афкори баланди ҳаётдӯстона ташкил медиҳад.

Дар ҳикоя, чун дар зиндагӣ, маргу ҳаёт, дирӯзу имрӯз, гиряву ханда, шодиву алам, гуселу истиқбол чунон ба ҳам омехтаанд, ки аз сабаби ноошноии тарзи тасвир шояд ба як хондан пурра ҳазм нашавад, вале чун фаҳмидиву дарк кардӣ, мебинӣ, ки чӣ ҳикояи олиҷанобест ва саропо аз эҳсосу афкор бахам омадааст.

Хуб аст, ки Сайф барин нависандаи хушзавқ баробари осори соф бадей ба таълифи очерк майл дорад. Зеро он жанри зиндае буда, тавассуташ нависанда фаъолона ба ҳаёт мудохила мекунад, ба ин восита ҳаёту одамонро хубтар меомӯзад. Боз як чиз хурсандибахш аст, ки очеркҳои Сайф ба очеркҳои дигар монанд нестанд. Онҳо бешубҳа ҳампояи ҳикояҳои хубеанд, ки характерҳои барҷаста доранд ва асосашонро таҳлили психологии дунёи қаҳрамон ташкил медиҳад. Қаҳрамонони очеркҳои «Як ниҳоле, чанд дарахте» ва «Момаи Олия» ба дараҷае фардианд, ки аз образҳои соф бадей фарқ карданашон душвор аст. Ин, аз як тараф, нишонаи қобилияти баланд бошад, аз тарафи дигар, заҳматписандиву масъулияти нависандаи ҷавонро далолат мекунад.

***Низом ҚОСИМ,***
***шоир***

## ГУНҶИШКИ САФЕД

***Барои Сайф Раҳим***

Гунҷишки сафед хоб дидам,
Гунҷишки сафеди хушпару бол,
Гӯё ки ҳамепарам ман аз пеш,
Ӯ бол ҳамезанад зи дунбол.

Гаҳ боли сафед бод дода,
Пеши назарам ҳамезанад пар,
Биме набувад зи раъду барқаш,
Борон шавад, ӯ намешавад тар.

Боде, ки маро расад дар ин дам,
Форам бувадам зи боли испед,
Аз боди параш ҳамезанад рӯ
Дар синаи ман ҳазор уммед.

Гуфтам, ки чи бошад он ба хобам,
Ҷустам зи ҳаёти хеш таъбир:
Аз бепариам магар нишон аст,
Бахт аст ва ё муҳаббати дер?

Таъбири наве чу пайки армон
Бар ёд расид айни руъё:
Гунҷишки сафедболи зебо
Рамзе бувадам аз орзӯҳо.

# ПАРЧАМИ РАНГИНИ ИСТИҚЛОЛ

**«Халқи тоҷик аз замонҳои хеле қадим то даврони навин ба суннати парчамдорӣ арҷи хосса мегузорад ва ин амалро беҳтарин нишонаи ҳувияти миллӣ ва нангу номуси ватандорӣ мешуморад.**

**Ойини парчамдории мо ба сифати пайвандгари наслҳо умри ҷовидонӣ дорад ва бо хусусиятҳои хоси худ яке аз омилҳои муҳимтарини иттиҳоду сарҷамъии халқи тоҷик ва ваҳдату ҳамдигарфаҳмии сокинони мамлакат мебошад».**

***Эмомалӣ Раҳмон***

Давлати соҳибистиқлолро бе доштани рамзҳои давлатӣ, аз ҷумла Парчам тасаввур кардан ғайриимкон аст, аз ин рӯ, аз ибтидо то ба имрӯз Парчам ба ҳайси як нишона ва аломати қавм, халқ ва миллати муайян арзёбӣ гардида, дар парчамҳо, пеш аз ҳама, заминаҳои таърихию тамаддуни ин ё он кишвар ва халқу миллатҳо инъикос ёфтаанд.

Парчам аз қадимулайём ҳамчун рамзи давлатдориву ифодакунандаи ҳастии неруҳо буда, миллати тоҷик низ аз замонҳои пеш ҳамеша парчамҳои хоси худро дошт ва дар ҳамаи ҳолатҳои таърихӣ онро болои сар парафшон намудааст.

Абулқосим Фирдавсӣ дар «Шоҳнома»-и безаволи худ нақши Парчамро ҳамчун «Дирафши Ковиён»-и аҷдоди ориётаборамон дар муҳорибаҳо таҷассум намуда, ҳамзамон, дар замони давлатдории Сомониён бо дастури шоҳ Исмоили Сомонӣ парчами махсус ҳамчун рамзи давлатдорӣ қабул гардид. Дар ин замина ҳар як минтақаи аҳолинишин вобаста ба расму ойин ва касбу ҳунар парчамҳои рамзии худро доштанд.

Парчами давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун шиносномаи давлату ифодакунандаи дастовардҳои фарҳангию иҷтимоӣ ва иқтисодии миллат аст, ки бо миллати мо ҳамқадаму ҳаммаром мебошад.

Бояд тазаккур дод, ки 24-уми ноябри соли 1992 дар Иҷлосияи тақдирсози XVI Парчами Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул гардида, аз соли 2009 инҷониб бо Амри Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ин рӯз ҳамчун «Рӯзи Парчами давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба таври расмӣ таҷлил мегардад.

Дар соли 2011 дар остонаи ҷашни 20-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар пойтахти Ҷумҳурии Тоҷикистон шаҳри Душанбе баландтарин Парчам дар ҷаҳон, ки баландии сутунаш 165 метрро ташкил медиҳад, бафрохта шуд, ки он ба Китоби «Рекордҳои Гиннес» ворид гардида, дар маросими ботантана ба Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон намояндаи китоби «Рекордҳои Гиннес» Дэвид Чемберс гувоҳнома супорид.

Парчами давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз се ранг — сабз, сафед ва сурх иборат буда, ранги сабз — сарсабзӣ, сафед роҳи сафед, хушбахтӣ, иқболи наку ва ранги сурх озодӣ ва мустақилиятро ифода мекунанд.

Парчами давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар баробари забону фарҳанг ва дар радифи дигар муқаддасоти миллӣ - Конститутсия, Нишони давлатӣ ва Суруди миллӣ яке нишонаҳои пурифтихору ҳуввиятсози миллату рукнҳо ва рамзҳои давлатдорӣ мебошад, ки аз ҳастии миллат ва давлати воҳид шаҳодат медиҳад.



Дар ҷаҳони муосир ҳар як давлати мустақилу соҳибихтиёр тавассути парчами худ муаррифӣ мегардад, ки он нишони истиқлол ва яке аз рамзҳои асосии давлатдорию ваҳдати миллӣ мебошад.

Дар ин зимн, Парчами давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон низ давлату миллати моро дар арсаи байналмилалӣ муаррифӣ намуда, дар қатори дигар давлатҳо дар пештоқи Созмони Милали Муттаҳид, ташкилотҳои байналмилалӣ, сафоратхонаҳои Тоҷикистон дар дигар давлатҳо парафшонӣ дорад, ки ифтихори ҳар як шаҳрванди мамлакат мебошад.

Парчами давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон рамзи гиромидошти яке аз муқаддасоти миллати соҳибмаърифат, нишонаи муборизаву ҷоннисориҳои халқи тоҷик барои озодиву истиқлол, илҳомбахши фаъолияти фидокоронаи фарзандони содиқи миллат ва ҳидоятгару раҳнамои мардуми кишварамон ба сӯи шукуфоӣ ва зиндагии пурсаодат мебошад.

Аз ин рӯ, эҳтиром ва арҷ гузоштан ба Парчам, эҳтирому арҷгузорӣ ба арзишҳои таърихию фарҳангии миллӣ ва гузашта аз ин, эҳтироми миллат ва давлату давлатдорӣ мебошад.

Дар ин маврид Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид менамоянд, ки «...муҳаббат ва эҳтироми Парчами миллии мо бояд дар қалби ҳар фарди бонангу номус маъво дошта бошад ва ӯро ба ифтихор аз давлату давлатдорӣ, таҳкими истиқлолияти миллӣ ва ҳифзи дастовардҳои он ҳидоят намояд.

Яъне эҳтиром ва арҷгузорӣ ба Парчами давлатӣ ҳамчун рамзи давлати соҳибистиқлоли тоҷикон бояд рисолати таърихӣ, қарзи фарзандӣ ва вазифаи шаҳрвандии ҳар як фарди ҷомеа бошад».

Ҳар як фарди бонангу номус, ватандӯсту ватанпарвари тоҷик «Рӯзи Парчами давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон»-ро ҳамасола ҳамчун ҷашни умумимиллӣ бо ифтихор аз давлату давлатдорӣ ва соҳибистиқлоливу соҳибихтиёрӣ истиқбол гирифта, эҳтироми Парчамро ҳамчун рамзи давлату давлатдорӣ ва озодиву истиқлоли Ватан ба ҷо оварда, қадру манзалат ва нақшу эътибори онро ба наслҳои имрӯзу оянда талқин менамояд.

*Сарзамини хайру эҳсонам,*
*Хонаи умеду армонам.*
*Лонаи симурғии Хуршед,*
*Тоҷи дунё, Тоҷикистонам!*

*Дар ҳавои меҳр бикшо бол*
*Парчами рангини Истиқлол!*

***Таҳияи***
***Хуршед НИЗОМОВ***

# ПАРЧАМ – РАМЗИ ИСТИҚЛОЛИ МЕҲАНУ ОЗОДИИ МИЛЛАТ

**Парчами давлатӣ барои мо – тоҷикон нишонаи бақои давлат, ваҳдату ягонагӣ, ҳувияти миллӣ ва беҳтарин василаи тарбияи наврасону ҷавонон дар рӯҳияи ифтихор аз давлатдории миллӣ ва ҳифзи арзишҳои таъриху фарҳанги халқамон мебошад.**

***Эмомалӣ Раҳмон***

Мусаллам аст, ки аз замони пайдоиши нахустин давлатҳо то ба имрӯз парчам яке аз рамзҳои муҳимми давлати соҳибистиқлол ба шумор меравад. Барои халқи шарифи тоҷик парчамдориву парчамбардорӣ аз аҷдодон мерос монда, пайдоиши парчам таърихи хеле қадимӣ дорад. Агар ба рамзҳо бо назари таҳқиқ ва таҳлил нигарем, ҳар як рамз то андозае равшангари таърих, сарнавишту саргузашти қавмҳо, халқиятҳо, миллату давлат, инъикосгари фарҳангу тамаддун, орзуву ормонҳои мардуманд. Яъне, дар ҳама давру замон Парчам чун рамзи давлат, салтанат, ғуруру ифтихор аз даст ба даст мегузашт. Зери парчам, чун нишони муттаҳидӣ, озодӣ ва истиқлол дида мешуд, ки сипаҳсолорон лашкарро аз майдони ҳарбӣ мебурданд ва ғолиб мешуданд.

Дар таърихи миллати тоҷик «Дирафши Ковиён» ҳамчун нахустин парчам ва рамзи соҳибдавлатӣ мақоми махсус дошта, дар «Шоҳнома»-и безаволи Ҳаким Фирдавсӣ бо номҳои «Дирафши Ковиён» ва «Ахтари Ковиён» баён гардидааст. Зери ин парчам Фаридун ҳамчун меросбари қонунии шоҳони Пешдодӣ ба тахт оварда шуд, то зулмро барканор ва адолатро пойдор кунад. Аз ин рӯ, «Дирафши Ковиён» чун анъана ва рамзи асосии давлатдорӣ ба наслҳои минбаъдаи шоҳони миллати мо бо фарҳанг интиқол ёфтааст. Бояд зикр намуд, ки «Дирафши Ковиён» то замони мо аҳаммияти таърихии худро ҳифз кардааст ва он дар маркази Ливои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дарҷ ёфтааст, ки рамзи абадӣ, бардавомии таърихии давлатдории миллии тоҷикон мебошад.

Меҳани маҳбуби мо – Тоҷикистон пас аз касби истиқлоли комили сиёсӣ Парчами худро дар таърихи 24 ноябри соли 1992 қабул намуд. Тавре маълум аст, аз рӯи намои Парчам давлати дахлдорро муайян намудан мумкин аст. Зери парафшонии парчам ифтихори миллии ҳар як фарди ба нангу номус ва соҳибватан ҳамеша танинандоз мебошад. Ин рамзи муқаддаси давлатӣ дар марҳалаҳои аввали ба даст овардани истиқлоли давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳанӯз санаи 24 августи соли 1990 заминаҳои ҳуқуқии худро дар Эъломияи истиқлоли Тоҷикистон пайдо намуда буд. Аз ҷумла, дар моддаи 18 Эъломияи истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон муқарар шудааст, ки Нишони миллӣ, Парчам ва Суруди миллӣ рамзҳои истиқлоли Тоҷикистон буда, муқаддасанд ва дахлнопазирии онҳоро қонун ҳимоя менамояд. Дар ҳамин асос Шурои Олии Тоҷикистон 28 июни соли 1991 *«Дар бораи рамзи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон»* қарор қабул кард. Ҳамин тавр, вобаста ба ҳар як рамзи давлатӣ бо қабули қонун низомномаҳои алоҳида қабул гардид. Минҷумла, 24 ноябри соли 1992 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон *«Дар бораи тасдиқи Низомномаи Парчами давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон»* қабул гардид. Сипас, бо қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар моддаи 3 муқаррар гардид, ки рамзҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон - Нишон, Парчам ва Суруди миллӣ мебошад. Баъд аз қабули Конститутсия заруriяти қабули ҳамаи қонунҳо бо тарҳи нав мутобиқ ба давлати соҳибистиқлол ва ягона ба миён омад. Дар ин раванд санаи 12 майи соли 2007 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон *«Дар бораи рамзҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон»* қабул гардид, ки он танзими ҳуқуқии ҳарсеи рамзҳои давлатии мо Нишон, Парчам ва Суруди миллиро муайян кард.

Маврид ба таъкид аст, ки дар баробари Нишон, Парчам, Суруди миллӣ Асъори миллӣ, Марзи давлатӣ ва Артиши миллӣ низ муқаддасоти миллӣ буда, рукнҳои асосии давлату давлатдории миллӣ мебошанд. Ин ҳама рамзҳо баёнгари хусусият, ифшогари ниёзҳо ва инъикоскунандаи сарватҳои маънавию моддии миллатанд. Аз ин рӯ, Парчами давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон рамзи истиқлоли воқеии меҳани маҳбубамон буда, дар худ тамоми арзишҳои фарҳангу тамаддуни миллиамонро таҷассум намудааст. Зеро Парчам барои таҳкими истиқлоли давлатӣ нақши хеле бузург дошта, далели давлати соҳибихтиёри тоҷикон аст ва хушбахтона, имрӯз мардуми шарифи меҳан ба ин рукни муҳимми давлатдорӣ эҳтироми хоса қоиланд.

Зери Парчам инсонҳои садоқатманд, бебок ва ростқавлу баномус гирд меоянд, барои ҳамзистии осоишта, ҳамоиши неруҳои ақлонӣ, сафарбаркунӣ ба корзор ҷадал менамояд. Парчам дар тӯли садсолаҳои зиёд мояи ифтихору ғурури ниёконамон буда, дар қатори рамзу аркони давлатдории онҳо мақому манзалати пурарҷ доштааст. Вақте ки ба таърихи гузаштаи халқамон назар меандозем, возеҳ мебинем, ки ниёкони бузургамон зери Парчам саф кашида, барои ҳимояи марзу буми хеш чӣ ҷонбозиҳо кардаанд. Зеро дар шинохти ҳар давлати озоду мустақил дар асоси мавҷудияти рамзҳои хоси соҳибихтиёрии он, бахусус тавассути Парчами давлатӣ сурат гирифта, басо муҳим аст, ки шаҳрвандони аз нигоҳи сиёсӣ ҳушёру зирак ва аз диди ҳуқуқӣ соҳибмаърифати он намунаи волои худшиносии миллӣ ва ватанпарварию ватандӯстӣ нишон дода, ба Парчами давлатии хеш эҳтироми доимӣ дошта бошанд, чунки донистани қадру манзалати рамзҳои давлатӣ ва муқаддасоти миллӣ маънии пос доштани ин сарзамин, гузаштаи таърихии он ва ҳифзу гиромидошти арзишҳои муқаддаси Истиқлоли давлатиро дорад.

Ҷойгоҳи Парчами миллӣ дар арсаи байналмилалӣ ҳамчун рамзи шинохти давлати комилҳуқуқу соҳибихтиёр хеле муҳим аст, зеро мардуми сайёра Ҷумҳурии Тоҷикистонро тавассути Парчами фарқкунандаи он мешиносанд. Агар Суруди миллӣ қалби миллатро ифода кунад, Парчамро метавон сари баланди халқ номид. Зеро, ҳар ҷое, ки Парчам барафрохта шавад, мардум бо сари баланд ба сӯи он менигаранд ва дар вуҷудашон эҳсоси ватандориву меҳанпарастӣ меафзояд. Қадршиносӣ аз Парчами миллӣ арҷгузориву ифтихор аз давлат, гузаштаи дур ва имрӯзи фирӯзу фардои дурахшони халқ аст. Ҳангоми музаффариятҳои варзишгарони меҳанамон дар мусобиқоти сатҳи ҷаҳонӣ маҳз Парчами миллӣ баланд бардошта мешавад, ки рамзи ғурури миллӣ ва ифтихори ватандории ҳар тоҷику тоҷикистонӣ мебошад. Таҳти парафшонии Парчами миллӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон ташаббусҳои бузурги хешро баҳри ҳалли мушкилоти глобалии сайёра аз минбарҳои созмонҳои бонуфузи ҷаҳонӣ ба миён гузошта, бо ин роҳ эътибори байналмилалии ҷумҳуриамон ҳамчун кишвари ташаббускор ва пешсаф дар миқёси дунё торафт боло рафта истодааст.

Ҳамин тавр, Парчами миллӣ рамзи шоистаи сарфарозӣ аз истиқлолу соҳибватанӣ ва омили муҳими ифтихор аз давлатдориву мустақилият буда, миллати тоҷик ҳанӯз дар гузаштаҳои дури таърихӣ дорои суннатҳои бошарафи парчамдорӣ буд. Аз ин рӯ, ҳар як фарди бомаърифат ва соҳибхиради кишвари озоду мустақили мо бояд Парчами миллиро чун рамзи сарбаландӣ ва сарфарозию ифтихор дуруст шинохта, ба бузургӣ ва муқаддас будани он ба таври шоиста арҷгузорӣ карда, бо чунин муносибати ватандӯстона дар бунёди ҷомеаи пешрафта саҳм гузошта, садоқатмандона ва бо масъулияти баланд баҳри таҳкими пояҳои Истиқлоли давлатӣ, боз ҳам баланд бардоштани обрӯ ва эътибори миллату давлатамон дар сатҳи ҷаҳони муосир саҳмгузории арзанда намояд. Зеро эҳтиром ва арҷгузорӣ ба Парчами миллӣ ҳамчун рамзи давлати соҳибистиқлоли тоҷикон бояд рисолати таърихӣ, қарзи фарзандӣ ва вазифаи шаҳрвандии ҳар як фарди ҷомеа бошад. Камина ҳамчун омӯзгори ҷавони даврони соҳибистиқлолӣ итминони комил дорам, минбаъд низ ҳар як фарди бонангу номус ва миллатдӯсту меҳанпарасти тоҷик, хусусан ҷавонони шуҷои кишвар аз Парчами миллии худ ифтихор менамоянд, эҳтироми онро ҳамчун рамзи давлату давлатдорӣ ва озодиву истиқлоли Ватан ба ҷо оварда, қадру манзалат ва нақшу эътибори онро ба наслҳои оянда мерос мегузоранд.

***Ганҷина ХУҶАЕВА,***
***омӯзгори фанни таърих,***
***шаҳри Душанбе***

# ҶАҲОН САР БА САР ИБРАТУ ҲИКМАТ АСТ

***Андешаҳо дар ҳошияи китоби «Андарзнома». – Душанбе: Нашриёти муосир, 2023. – 320 с.***

Воқеан ҳам панду ҳикмат, суханони ибратомӯз ва андарзҳо дар ҳамаи давру замон, таҳрикгари ҳаёту фаъолияти неку пурсамари инсонӣ буданд ва мемонанд. Зеро як андарз метавонад самт ва интихоби роҳро, ба маънии мусбаташ, дигар намуда, инсонро таҳрик диҳад, ба роҳи рост раҳнамун созад ва дар ниҳоят ба қуллаи мақсуд бирасонад. Бинобар ин, бузургони илму адаб, фарҳангу ҳунари ҷаҳон ва шахсиятҳои барҷастаи олами ҳастӣ кӯшидаанд, ки андарз бигӯянд, то ба ин васила рисолати худро дар назди башарият анҷом дода бошанд. Шахсиятҳои бузург дар ҳар давру замон нисбат ба ҳамзамонони хеш дониши амиқу ҷаҳонбинии фарох доштанд ва мушоҳидакору дақиқназар буданд. Ва ҳамеша кӯшиш ба харҷ медоданд, то ҳамзамонону ояндагонро раҳнамоӣ кунанд ва аз бунбастҳои ахлоқию маънавӣ бираҳонанд. Аз ин рӯ, ашхоси барҷаста бинишу фаҳмиш ва афкору андешаи хешро тавассути гуфторҳои ибратомӯз, каломи ҳикматбор ва осори фалсафии ахлоқӣ баён менамоянд. Ва панду ҳикмат ва андарзи мутафаккирону донишмандон ва умуман, шахсиятҳои барҷаста дар ҳама давру замон арзиши баланд ва аҳаммияти бузург дошта, монанди доруест, ки беморро қуввату мадор, ҳастию тавон ва нерую ҷон ва солимонро донишу хирад, ақлу ҳуш ва заковату ибрат мебахшад. Беҳуда нест, ки сухан, алалхусус суханони ибратомӯзу ҳикматборро беҳтарин гавҳари ганҷинаи ҳастӣ гуфта, онро ба ҷон баробар донистаанд:

*Беҳтарин гавҳари ганҷинаи ҳастӣ сухан аст,*
*Гар сухан ҷон набувад, мурда чаро хомӯш аст.*

Оре, сухан ганҷинаи бузургест, ки баробари аз забон падид омадан чун дурри гарон ва ҷилобахши шунавандаро ба худ ҷалб менамояд. Хоҳ ҷолиб бошад, хоҳ не, сухан тиреро мемонад, ки баробари аз камон ҷастан метавонад касеро ё чизеро ҳалок созад. Аз ин рӯ, чӣ зебову гуворо аст, шунидани гуфтори ибратомӯз, каломи баландмазмун ва сухани ҳикматбор. Маҳз ҳамин суханони баландмазмуну каломи ибратомӯзанд, ки ҳаёт пойдор аст ва зиндагӣ маъно мегирад. Ва ҳамин сухан аст, ки нодонро оқил мегардонад ва оқилу донишмандро мутафаккиру аллома месозад. Аз ин ҷост, ки Ҳакими Тӯсӣ сухан гуфтанро аз бузургтарин кори ҷаҳон ҳисобида, ҷовидонагии каломро ба ҳастии олам тавъам медонад:

*Зи гетӣ ду чиз аст ҷовиду бас,*
*Дигар ҳар чӣ бошад, намонад ба кас.*
*Сухан гуфтани нағзу кирдори нек,*
*Бимонад чунон, то ҷаҳон асту рек,*

Албатта, бо назардошти ин нукта ва каломи болозикр сиёсатшиносу сиёсатмадори барҷастаи тоҷик, доктори илмҳои сиёсӣ, узви вобастаи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, профессор Саймумин Ятимов аз гуфторҳои пандомез, суханони баландмазмун ва каломи фалсафии донишмандону мутафаккирон ва ашхоси бузурги касбу кори гуногун ва инчунин, зарбулмасалу мақолҳо таҳти унвони «Андарзнома» китоберо мураттаб намудааст. Ҳарчанд китоби мазкур аз рӯйи табъу завқ ва бинишу бардошти мураттиб аз зарбулмасалу мақолҳо, порчаҳои назмию насрӣ, суханони пандомӯз, гуфторҳои ибратомӯз ва каломи фалсафӣ таҳия гардидааст, хеле ҷолибу омӯзанда мебошад ва барои аҳли ҷомеа ҳамчун раҳнамо хидмат менамояд. Аз гирдоварии суханони баландмазмун ва каломи ибратомӯз, аз сарчашмаҳои гуногуни ватанию хориҷии бо забонҳои тоҷикӣ (инчунин, хатти форсӣ), русӣ ва англисӣ интишорёфта комилан бармалост, ки мураттиб оммавӣ гардонидани донишҳои илмӣ, баланд бардоштани ҷаҳонбинии илмии аҳолӣ, огоҳу бедор намудани мардум ва ба аҳолӣ расонидани ҳар гуна каломи хубу иттилои заруриро ҳамчун масъулияти инсонӣ пазируфтаву онҳоро рисолати олимии хеш меҳисобад. Зеро зарбулмасалу мақолҳо, порчаҳои назмию насрӣ, суханони пандомӯз, гуфторҳои ибратомӯз ва




каломи фалсафиро аз рӯзномаю маҷаллаҳо, рисолаву китобҳо ва дигар васоити ахбори омма ҷамъоварӣ кардан ва онҳоро вобаста ба мазмуну моҳияташон мавзуъбандӣ намудан, фурсати тӯлонии вақтро мегирад ва як пажӯҳиши алоҳидаро ташкил медиҳад. Зиёда аз ин, профессор Ятимов С.С. ин ҳамаро бо се забон – тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ анҷом додааст ва инчунин, вижагии дигари «Андарзнома» дар он аст, ки ҳам зарбулмасалу мақолу суханони пандомӯз ва ҳам мавзуъбандиҳо бо ҳар се забон якранг, яъне тарҷумаи ҳамдигар нестанд, балки куллан тафовут доранд. Аз ин рӯ, чунин амал аз як тараф мутолиаи фаровон доштани мураттибро нишон диҳад, аз ҷониби дигар китоби «Андарзнома»-ро намояндагони халқу миллатҳои дигар, ҳар нафаре, ки забонҳои русию англисиро медонад, метавонад истифода намояд.

Мураттиби «Андарзнома» профессор Ятимов С.С. дар сарсухани он чанд нуктаро роҷеъ ба гирдоварӣ кардан, мураттаб сохтан ва ба нашр расонидани китоби мазкур таъкид намуда, чун дигар бузургони илму адаб ба сухан баҳои баланд додааст. Аз ҷумла, ба андешаи мураттиби китоб *«Воқеият ва дараҷаи тавоноии инсон ҳам дар сухан падидор мешавад. Он қудрат ва ҷаҳони ботинии инсонро ба намоиш мегузорад»*. Бале, комилан ҳақ ба ҷониби профессор Ятимов С.С. аст, зеро ҳар сухане инсон мегӯяд, ин маҳсули афкору андеша ва дараҷаи донишу хиради ӯст. Ва сухани баландмазмун, гуфтори ҳикматомез ва каломи ибратомӯзро танҳо инсоне офарида метавонад, ки дараҷаи андешаронии олӣ дорад, аз илму дониш бархӯрдор аст, ҷаҳонбинии илмии фарох дорад ва жарфнигару мушоҳидакор аст. Яъне, сухан кардан ва андеша баён доштани ҳар нафар *«камолоти маънавӣ ва сифати ҷаҳонбинии ӯ»*-ро таҷассум менамояд. Маҳз бо ҳамин маъност, ки файласуфи Юнони бостон Суқрот гуфта буд: *«Ҳарф бизан, то бубинамат»*. Аз ин ҷо бармало мегардад ва донишмандони дигар низ борҳо ба ин андеша расидаанд, ки бузургтарину душвортарин амали инсон сухан гуфтан ва офаридани каломи ҷадид аст. Ҳамин аст, ки дар тӯли таърих дурустӣ ва азамати каломи мондагори Фирдавсии бузургро аҳли башар дарёфт ва дар заминаи он назарияҳои вобаста ба танзиму идоракунии дониш ва таълимро ба вуҷуд овард:

*Тавоно бувад ҳар ки доно бувад,*
*Зи дониш дили пир барно бувад.*

Маврид ба зикр аст, ки дар даврони Эҳёи Аврупо таҳти маънои ин шоҳбайти ҷовидонаи Ҳаким Фирдавсӣ, яке аз донишмандони рӯшангар Френсис Бэкон ҳадафи илмро ҳокимияти инсон бар табиат талаққӣ карда, шиори *«Дониш қувва аст» (Knowledge is power)*-ро ба миён гузошт ва боиси рушду пешрафти на танҳо Аврупо, балки тамоми ҷаҳон гардид. Вале, пеш аз он, ки ин ибораро донишмандони гузаштаю муосири олам ба Бэкон нисбат диҳанд, 700 сол қабл аз ӯ падари шеъри форсӣ-тоҷикӣ Рӯдакӣ донишро чароғи равшани дил ва ҷавшани тан аз ҳама бадиҳо арзёбӣ карда буд:

*Дониш андар дил чароғи равшан аст,*
*В-аз ҳама бад бар тани ту ҷавшан аст!*

Дар ин маврид, саволи матраҳ, вале барои қисми аъзами мардуми мо то ҳанӯз беҷавоб, ин аст, ки неҳзати хирадгароӣ, донишмеҳварӣ, илмдӯстӣ ва худшиносии мо – тоҷикон (форсҳо) ҳазор сол қабл аз аврупоиён оғоз гардид, аммо чаро имрӯз ҳам хурофотпарасту мутаасиб, вопасгарову нохудогоҳ ва бечоранолу бегонапараст боқӣ мондаем?! Зимнан, бояд таъкид намуд, ки мураттиби китоби «Андарзнома», профессор Ятимов С.С. дар робита ба посухи ин суол, дар чандин рисолаю мақолаҳои хеш андешаҳои ноб баён намуда, бархе аз гиреҳҳои ин мушкилотро боз кардааст. Ва дар китоби мазкур суханони баландмазмун, каломи ибратомӯз, гуфторҳои пандомӯз ва порчаҳои назмию насриеро мураттаб сохтааст, ки ҷавоби хубе ба ин саволанд. Минҷумла:

*Зиёни касон аз пайи суди хеш,*
*Биҷӯянду дин андароранд пеш.*
***Абулқосим Фирдавсӣ***

*Ибодат ба ҷуз хидмати халқ нест,*
*Ба тасбеҳу саҷҷодаву далқ нест.*
***Саъдии Шерозӣ***

*Ҳофизо, май хӯру риндӣ куну хуш бош, вале,*
*Доми тазвир макун чун дигарон Қуръонро.*
***Ҳофизи Шерозӣ***

*Нуктаи хуш гуфтааст он дурбин,*
*Адл дорад мулкро қоим, на дин.*
***Абдураҳмони Ҷомӣ***

*Воиз хар асту анҷумани ваъз харгала,*
*Гар хар равад ба харгала, натвон зи хар гила,*
***Абдураҳмони Ҷомӣ***

Ҳамин тавр, чунин абёти риндӣ, суханони рӯшангарӣ ва гуфторҳои озодандешӣ дар таърихи адабиёти тоҷик фаровонанд, вале на ҳама ба дарки ин маъно мераванд ва аз ин рӯ, дар вартаи хурофоту таассуб ғӯтаваранд. Дар ин маврид, яке аз рисолатҳои асосии зиёӣ он аст, ки ба мардум роҳ нишон диҳад, аҳолиро огоҳу бедор намояд ва мардумро ҳамқадами замон созад. Мутаассифона, на ҳама зиёиён, донишу хиради казоӣ доранд, худогоҳу худшинос ҳастанд ва миллату меҳанро самимонаю содиқона дӯст медоранд, баръакс, бархе «дар либоси меш кори гург мекунанд». Маҳз дар посух бо чунин афрод, «Халлоқулмаонии сонӣ» ва бузургтарин ҳаҷвнависи таърихи адабиёти форсу тоҷик хеле мӯшикофона гуфтаанд ва дар китоби «Андарзнома» низ ба маврид омадааст:

*Раҳнамоёни замони мо ҳама раҳ мезананд,*
*З-он миён гар росте дидем, асои кӯр буд.*
***Калими Кошонӣ***

*Меҳану миллат намедонанд, ин асҳоб чист?*
*Душмани деринаи мо, ҳар кӣ бошад, хонагист.*
***Убайди Зоконӣ***

Ва дар ин радиф, овардани рубоии шоири маҳбубу номвари тоҷик Лоиқ тақвиятбахши гуфтаҳои болост:

*Ин модари даҳр оқилон кам зояд,*
*Ҳар лаҳза шумори нокасон афзояд,*
*Аз ҷумлаи Фирдавсӣ кам ояд ба ҷаҳон,*
*Аз ҷумлаи Маҳмуд ҳазорон ояд.*
***Лоиқ Шералӣ***

Хушбахтона, бархе аз олимону донишмандони тоҷик, аз ҷумла мураттиби китоби «Андарзнома» аламбардориро дар масири худогоҳию худшиносӣ ва рӯшанфикрию озодандешии миллӣ, ки бунёдашро бузургони миллат, чун Ибни Ровандӣ, Закариёи Розӣ, Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ, Абӯмаҳмуди Хуҷандӣ, Абулқосим Фирдавсӣ, Абӯрайҳони Берунӣ, Абӯалӣ ибни Сино, Носири Хусрав, Умари Хайём, Ҳоқонии Шервонӣ ва садҳо шахсиятҳои дурандеш гузоштанд, ҳамчун масъулияти инсонӣ ва қарзи фарзандӣ дар назди миллату меҳан ҳисобида, пайваста ҷаҳду талош менамоянд, то мардумро ба роҳи дуруст ҳидоят кунанд, худогоҳу худшинос созанд ва дар замири ҳар як фард меҳри миллату меҳанро ҷой намоянд. Аз ин ҷост, ки ҳам бо сухан ва ҳам бо амал ҷаҳду талош менамоянд ва кӯшиш ба харҷ медиҳанд, мардум ҳарчи бештар худогоҳу худшинос гардад ва тақдири миллату меҳанашро боз ҳам бештар ба даст бигирад:

*Ман бандаи он қавм, ки худро донанд,*
*Ҳар дам дили худро зи ғалат бирҳонанд,*
*Аз зоту сифоти хеш созанд,*
*Феҳристи китобро аналҳақ хонанд.*
***Мавлонои Балхӣ***

*Худо он миллатеро сарварӣ дод,*
*Ки тақдираш ба дасти хеш бинвишт,*
*Ба он миллат сару коре надорд,*
*Ки деҳқонаш барои дигарон кишт.*
***Иқболи Лоҳурӣ***

Ҳамин тавр, дар бахшҳои русии китоби «Андарзнома» каломи ҳикматбор аз мутафаккирону донишмандон, сиёсатмадорону адибон ва шахсиятҳои ҷаҳонӣ, ба монанди Афлотун, Ситсерон, К.Макс, Ф.Нитше, Ф.Волтер, Л.Толстой, Б.Шоу, И.Кант, И.Ҳёте, В.Ҳюго, Н.Макиавелли, А.Шопенгауэр, У.Черчилл, Ф.Рузвелт, Ҷ.Вашингтон, А.Линколн, Ш.Монтескё, О.Бисмарк, О.Балзак, Г.Лейбнитс, Ф.Ҳегел, Л.Фейербах, Ж.Руссо, В.Ленин, Р.Тагор, Б.Паскал, М.Ломоносов, В.Ҳумболдт, Ҷ. Локк, Д.Дефо ва дигарон оварда шудааст, ки хеле омӯзанда мебошанд. Онҳо низ ба қисматҳо ҷудо шудаанд, ки ҳар якеро омӯхтану фаро гирифтан ва дар зиндагӣ истифода кардан манфиатбор хоҳад буд. Дар фасли англисии китоб бошад, нуктаҳои пурмаъно аз зарбулмасалҳои бархе мардумони олам, аз қабили арабҳо, ҳиндувон, чиниҳо, форсҳо, русҳо, ҷопониҳо, бразилиҳо ва африқоиён гулчин карда шудааст.

Дар маҷмӯъ, китоби мураттабнамудаи профессор Ятимов С.С. таҳти унвони «Андарзнома» аз ҳама ҷиҳат муфиду судманд буда, суханони ҳикматомез, каломи ибратомӯз ва зарбулмасалу мақолҳои дар китоб гирдоваришуда ба сифатҳои неку ҳамидаи инсонӣ, ташаккули ҷаҳонбинии илмӣ ва рушди шахсияти инсон нигаронида шудааст. Аз ин рӯ, китоби мазкурро метавон дар раванди дарсҳо ва соатҳои тарбиявӣ истифода намуд ва зиёда аз ин, китоб ба оммаи васеи хонандагон тавсия дода мешавад, зеро ба андешаи аллома Айнӣ:

*Ҳар тоҷик бояд ҳар рӯз ду соат китоб хонад.*

***Номвар ҚУРБОН,***
***узви Иттифоқи журналистони Тоҷикистон***

# ПРЕЗИДЕНТ БА ЭСТРАДАИ ТОҶИК БОЛУ ПАР БАХШИД

**Мо бо ифтихор аз ҳувияти миллии худ, яъне тоҷикият, таърихи беш аз 6000 – солаи халқамон, забони ширину шоиронаи тоҷикӣ, фарҳангу тамаддуни асилу бостонӣ, мероси оламшумули ҷовидонаи гузаштагон ва арзишҳои миллиамон онҳоро ҳифз мекунем, эҳтиром мегузорем ва ба наслҳои оянда дар шакли боз ҳам пешрафта ва рушду тақвиятёфта ба мерос мегузорем.**

*Эмомалӣ Раҳмон*

Тибқи Дастури Роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Раҳмон Озода Эмомалӣ, ки аз супоришҳои раҳнамунсози Пешвои муаззами миллат бармеояд, рӯзҳои 30-юми октябр то 4-уми ноябри соли равон бахшида ба Рӯзи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон гурӯҳи созиву овозии ансамбли эстрадаи Муассисаи давлатии "Оркестри давлатии симфонӣ"-и Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Суғд сафари ҳунарӣ анҷом дод, ки ба ҳайати он Ҳунарпешаҳои шоистаи Тоҷикистон Ҳасан Ҳайдар, Парвин Юсуфӣ, Гулбаҳор Шокирова, ситораҳои эстрадаи





тоҷик Хуҷастаи Мирзовалӣ, Суруш Холов, Туҳфа Қосимӣ, Ҳусниддин Наҷмиддин ва дигарон шомил буданд. Артистони эстрадаи тоҷик барномаҳои рангину пурмуҳтавои консертии худро ҳамчун армуғони идонаи фарҳангии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон пешкаши меҳмонон ва сокинони шаҳрҳои Хуҷанд, Истаравшан, Исфара, ноҳияҳои Бобоҷон Ғафуров ва Ҷаббор Расулови вилояти Суғд намуданд.

Дарвоқеъ, консертҳои ҳайати 35-нафараи гурӯҳи эстрадӣ дар сатҳи баланд доир гардида, ҳунарпешагон бо созу навоҳои худ, ки аз мафҳумҳои дӯстӣ, тараннуми Тоҷикистон, пайғоми ҷавонӣ, таронаҳои бадахшонӣ ва ишқу муҳаббат мураттаб гашта буданд, хотири тамошобинонро дар арафаи таҷлили ҷашни Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон хеле болида гардониданд.

Ҳамин гуна сафари ҳунариро бо дастури Пешвои муаззами миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон гурӯҳи эстрадии мазкур қаблан, дар ибтидои моҳи октябри соли равон таҳти унвони «Накҳати Истиқлол» бахшида ба 32- солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Рӯзи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳрҳои Москва, Санкт-Петербург ва Уфаи Федератсияи Россия гузаронид. Консертҳои гурӯҳи ҳунарии эстрадӣ тайи як ҳафта дар толорҳои муҳташами консертии шаҳрҳои номбурда бо иштироки масъулини соҳаи фарҳанг, намояндагони ҳамватанони бурунмарзӣ, корпусҳои дипломатӣ дар сатҳи баланди омодагиҳо баргузор гардиданд. Ҳам дар Федератсияи Россия ва ҳам дар вилояти Суғд ҳаводорони санъат ҳар як баромади ҳунарпешагони эстрадиро бо кафкӯбиҳои базавқу бардавом истиқбол гирифтанд. Мазмуну муҳтавои репертуарҳои солистон мавзуъҳои ватандӯстию меҳанпарастӣ, худшиносиву худогоҳии миллӣ, дӯстию рафоқат, шукргузориҳо аз сулҳу осоиштагии Тоҷикистони маҳбубро ташкил медоданд.

"Ин ҳама маҳсули эҷоди гурӯҳи ҳунарӣ, барҳақ, аз баракати сиёсати хирадмандона ва роҳнамоию ҳидояти Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ- Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон муяссарамон гаштааст, - гуфт дар суҳбат Директори Муассисаи давлатии "Оркестри давлатии симфонӣ"-и Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Олимҷон Солизода.- Ба ибораи дигар, Президенти кишвар ба эстрадаи тоҷик болу пар бахшиданд. Маҳз ҳусни таваҷҷуҳ ва ғамхориҳои рӯзафзуни Пешвои муаззами миллат нисбат ба рушди муттасили санъату фарҳанги миллӣ аст, ки солистони эстрадаи тоҷик ба мисли кафтарони қосиди сулҳу ваҳдати миллӣ дар фазои тозаву беғубори кишвар бо суруду таронаҳои тозаэҷоди хеш баландпарвоз шудаанд ва мо бо ҷонибдорӣ аз сиёсати хирадмандонаашон аз хизматҳои беамсоли фарзонафарзанди миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон изҳори сипоси бепоён менамоем".



Ёдовар бояд шуд, ки Муассисаи давлатии «Оркестри давлатии симфонӣ»-и Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дастоварди даврони соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 8-уми августи соли 2016, «Дар бораи таъсиси Муассисаи давлатии «Оркестри давлатии симфонӣ»-и Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил карда шудааст. 15-уми августи соли 2017 бо Амри Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мутахассиси ботаҷрибаи соҳаи фарҳанг Солизода Олимҷон Алиҷон, ки аз нозукиҳои санъати касбии миллӣ ба хубӣ бархурдор аст, ба вазифаи директори Муассисаи давлатии «Оркестри давлатии симфонӣ"-и Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таъин гардид.

Мавриди зикр аст, ки Олимҷон Солизода тамоми фикру зикр, донишу маҳорати касбӣ ва неруи ташкилотчигиашро барои сидқан ба ҷо овардани боварии Ҳукумати ҷумҳурӣ, шахсан Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар мақоми ишғолкардааш равона намуда, ба фаъолияти Оркестр бо ҷалби беҳтарин навозандагону овозхонҳои кишвар ва бо истифода аз шароиту имкониятҳои мавҷуда пайваста таҳким мебахшад.

Дар ҳайати оркестри давлатии симфонӣ мутрибони касбӣ - тахассусӣ аз ҳисоби хатмкардагони Консерваторияи миллии Тоҷикистон ба номи Талабшо Сатторов, Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи Мирзо Турсунзода ва коллеҷу мактабҳои махсуси мусикии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси озмун амал менамоянд.

Инак, «Оркестри давлатии симфонӣ»-и Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тайи ҳафт сол инҷониб таҳти роҳбарии бевосита ва роҳнамоии Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳамчун як ниҳоди неруманди санъати мусиқии касбии Тоҷикистон бо репертуари бою рангин фаъолияти худро ба роҳ монда, пай дар пай кӯшиш ба харҷ дода истодааст, ки аз ҳисоби эҷоди композиторони тоҷик ва композиторони ҷаҳони муосир асарҳои пурғановатро таҳия намуда, хазинаи феҳристи оркестрро ғанӣ гардонад.

***Садрӣ УМАР***

АДИБ ДАР БОРАИ АДИБ

# ЗАРИФ БОШУ ҒУЛОМ МАШАВ!



Ба хонандаи равшанзамир возеҳ аст, ки ҳар як қавму халқияти дунё фарзандони шоиста ва фарзонаи хешро доранд, ки дар лаҳзаҳои тақдирсоз ба хотири номбардории миллат намунаи олии ҷасуриву мардонагӣ зоҳир карда, бо амалу истеъдоди Худодод аз худ мероси бемисл мегузоранд.

Нависандаи халқии Тоҷикистон Саттор Турсун аз қабили ҳамин гуна родмардон буд, ки дар аввали солҳои шастуми қарни гузашта дар сафи адибон Лоиқ Шералӣ, Бозор Собир, Гулрухсор, Абдумалик Баҳорӣ, Фазлиддин Муҳаммадиев, Абдулҳамид Самад бо навҷӯиву навоварӣ ва бо қадамҳои устувор ба майдони адабиёт ворид гардида, бо асарҳои пурмазмуну замонавӣ дар таърихи адабиёти тоҷик мавқеи хосаро ишғол намуд ва Ҷоизаву мукофотҳои бешуморе насибаш гашт.

Мо, ҷавонони солҳои 60 – ум ва 70 –уми асри сипаригашта дар баробари таҳлили офаридаҳои ин абармарди майдони адабиёт орзу доштем, ки бо нависандаи навпардози ҷасуру шуҷоатманд шахсан шинос шавем ва доир ба раванди эҷодиёти адабии худ аз эшон панду насиҳати муфид ва дуои нек гирем.

Ёд дорам, дар аввалҳои соли 1998 ин орзуи худро ба устодам Равшани Ёрмаҳмад, ки он замон мавсуф ба ҳайси муовини раиси Иттифоқи нависандагон адои вазифа дошт, баён кардам.

- Мушкиле нест, - бо лаби пурханда посух гардонд адиб. – Эшон айни ҳол сардабири рӯзномаи «Баҳори Аҷам» буда, коргоҳаш дар ошёнаи сеюми бинои Вазорати фарҳанг қарор дорад. Дӯсти маро аз ҳамон ҷо пайдо карда метавонед.

Дар ҳақиқат ҳар ду адибро риштаи дӯстиву садоқати бародарӣ то дами маргашон бо ҳам мепайваст.

- Ман Зариф Ғулом, - чун ба коргоҳаш даромадам, даст барои вохӯрӣ дароз карда, худро муаррифӣ намудам.

Сардабир саравввал ба рӯйи ман бо ҳайрат дида андӯхта, пас аз дақиқае дар лабонашон табассуми ба худ зебандае нақш баст ва панҷаи дастамро бо меҳр фишурда бо овози нарм гуфт:

- Ба фикрам, шумо бештар ба жанри моҷаро майлу рағбат доред. Аз ин чунин хулоса баровардан мумкин, ки шумо корманди мақомоти қудратиед?

- Бале, - зуд тахмини устодро тасдиқ кардам. – Дар мақомоти судии кишвар кору фаъолият дорам.

- Маълум, - устод бо қаноатмандӣ сар таконд ва илова кард, - ба даргоҳи мо чи овардед?

- Аввалан, ман барои бо Шумо шахсан шинос шудан омадам, - ва аз муомилаи дӯстонаи устод худро озод ҳис карда суханамро давом додам, - баъдан мехостам фаҳмам, ки доир ба эҷодиёти ман чи баҳо, тавсия ва панду маслиҳат медиҳед?

Адиб баланд хандид. Хандаи софу беғаш ва давомдор. Сипас, бо қиёфаи ҷиддӣ фикрашро баён кард.

- Меҳмони иззатманд! Аввал як – ду асаратонро биёред, то ки ман аз назар гузаронам ва он гоҳ ба саволатон посух гардонам.

Азбаски то ин вақт дар ихтиёрам маҷмӯае ҳам надоштам, аз хиҷолат сар хам кардам.

Ҳолати ногувори маро устод зуд дарк кард, ки бо табассуми малеҳ ба сухан даромад.

- Як ҳикояи шуморо бо номи «Сағираи нахс» дар маҷаллаи «Тоҷикистон» хонда будам. Як ҳикояи дигаратонро биёред. Ҳам мехонаму ҳам дар рӯзномаи «Баҳори Аҷам» чоп мекунонам ва дар асоси ҳамин ду ҳикоя як фотиҳаи нек медиҳам.

Хурсандии маро интиҳо набуд. Охир, Нависандаи халқӣ ба эҷодиёти ман таваҷҷуҳ зоҳир мекард.

Пас аз як ҳафтаи суҳбати хотирмон ҳикояи «Дасти доҳӣ» ба табъ расид ва ба ману устод Саттор Турсун паҳлуи ҳам ба ҷониби истгоҳи бозори «Баракат» ба қадамзанӣ даромадем. Ҳангоми раҳпаймоӣ устод як қатор панду маслиҳатҳои муфид дода, доимо хотиррасон мекард, ки аз ҳама асосӣ аз худ наравам. Пайваста мутолиа кунам. Бештар асарҳои адибони классикамонро хонам. Ва аз ҳама муҳим «Гулистон» - и Саъдии Шерозиро азбар кунам.

Мо дар истгоҳи Иттифоқи нависандагон мунтазири нақлиёт дар иҳотаи анбӯҳи мусофирон рост меистодем. Ин дам автобуси рақами 18 ҳозир шуд. Мусофирон аз автобус ба фаромадан сар карданд. Мусофирони интизоршуда аллакай пеши дари автобусро баста, ҳамдигарро телаву тамбазанон ба савор шудан омодагӣ медиданд.

Устод ба ҳаёҳуяю доду фиғони мардум назар карда, бо чеҳраи ҷиддӣ гуфтанд:

- Ба саволи рӯзи якуми вохӯрӣ додаат ҷавоб медиҳам. Зариф бошу Ғулом машав, - ва давида дар автобус савор шуданд.

Чанд муддат лолу карахт мондам. То дер ба дуои неки устод сарфаҳм нарафтам. Пас аз чандин сол, баъди он ки мунаққидон асарҳои эҷодкардаамро аз ғалбер гузаронданд, ба маънои суханони ҳикматнок ва дар як вақт ҳаҷвомези устод сарфаҳм рафтам.

Инак, муддати мадиде устод Саттор Турсун дар байни мо набошад ҳам, ҳар гоҳе, ки симои нуронии ӯро дар васоити ахбори омма мебинаму аз ёру дӯстон дар бораи ин нависандаи навпардоз сухане мешунавам, ҳатман фотиҳаи ӯ, ки аз дили соф, бо нияти фатҳи қуллаҳои баланди эҷодӣ расидан, бо хотири офаридани асарҳои баландмазмун гуфта буд, ба хотирам меояд:

- Зариф бошу Ғулом машав!

***Зариф ҒУЛОМ,***
***адиб***

# ҶАҲОНИ АЗ ТУ ХОЛИРО, КУНУН ПУР КАРДА ОВОЗАТ...

***(Ба ифтихори зодрӯзи Ҳунарпешаи шоистаи Тоҷикистон Кароматулло Қурбонов)***



Фарҳанги мусиқии тоҷик дорои симоҳои барҷастае мебошад, ки онҳоро метавон ҳамчун намунаи ибрату пайравӣ тарғиб намуд ва яке аз чунин симоҳо овозхон, оҳангсоз, Ҳунарпешаи шоистаи Тоҷикистон Кароматулло Қурбонов мебошад, ки бо истеъдоди фавқулоддааш дар мусиқии эстрадии тоҷик мактаби худро ба вуҷуд оварда, дар атрофи ин мактаби бонуфузу фарогири майлу рағбати зебописандӣ анъанаҳои беҳтарини мусиқии тоҷик эҳё гардидаанд.

Кароматулло Қурбонов дар масири ҳунармандӣ, ки саршор аз тасмимҳои эҷодкорона буд, аз ибтидо ҷиддӣ ва бо муҳаббати том, нигоҳи тоза ва навовариҳо қадам гузошта, ба шарофати ҳунари хеш дар рушду такомули санъати эстрадии тоҷик саҳми муносиб гузоштааст.

Маҳз ҳунари нотакрораш буд, ки дар солҳои 80-уми қарни гузашта тавонист бо дастаи ҳунарии «Суғдиён» дар фурсати кӯтоҳ шуҳрати беандозаро касб намуда, қалби ҳазорон мухлисони санъати эстрадиро чи дар дохил ва чи дар хориҷи мамлакат тасхир намояд ва дар радифи поягузорони жанри эстрадии мамлакат қарор гирад.

Фаъолияти минбаъдаи эҷодии Кароматулло Қурбонов ҳамчун овозхон ва роҳбари бадеӣ дар оркестри эстрадии «Гулшан» - и Кумитаи телевизион ва радиои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон идома ёфта, суруду оҳангҳои эҷоднамудааш аз қабили «Модар», «Олиҳаи ноз», «Хазонрез», «Камонабрӯ», «Боз омадӣ», «Рақс бикун, ҷоно», «Андак-андак», «Ту ҳам ёде бикун аз ман», «Тақдир», «Маҳрӯи ман», «Махмури ҷоми ишқам», «Ҷони ман», «Рухсор», «Мисраи гумгашта», «Ҳарими кӯят», «Гулъузори ман», «Бишнав аз бунёди ман», «Овора», «Лаъли лабон», «Бо дили дарё нишинам», «Хайрбод», «Санги мазорам» ва даҳҳо сурудҳои эҷоднамудааш ӯро шуҳратёру маҳбуби ҳаводорони санъати мусиқии эстрадӣ гардониданд.

Дар ин замина, Кароматулло ҳамкории эҷодиро бо ҳунармандону композиторони маъруфи тоҷик низ ба роҳ монда, аз чунин робитаҳои эҷодӣ ҳаловати баланди маънавӣ мегирифт. Дар ин замин, сурудҳои «Суғдиён», «Душанбе» (оҳангҳо аз Зайниддин Зулфиқоров, такмили Александр Кукушкин), «Духтари зебо» (оҳанги Геннадий Александров), «Гулдухтарони Варзоб» (оҳанги Дамир Дӯстмуҳаммадов), «Базми арӯсӣ» (оҳанги Қудратулло Ҳикматов,), «Модар, маро бубахшо» (оҳанги Амирбек Мӯсозода), «Зиндагӣ» (оҳанги Талабхӯҷа Сатторов), «Маҳрӯи ман» (такмили Юрий Пулатов) ва дигар суруду таронаҳо самараи чунин ҳамкориҳои эҷодии муштарак мебошанд.

Кароматулло Қурбонов дар умри кӯтоҳи худ ҳафт албоми сурудҳои муаллифияшро барои Хазинаи тиллоии радиои Тоҷикистон сабт намудааст, ки он 76 суруду таронаҳоро дар бар мегирад.

Сабку услуби сурудхонӣ, хислату сифатҳои неку ҳамида, муносибату муошурати хоксорона шарафмандонаи Кароматулло барои аҳли ҳунар чун адабгоҳи воло то ҳол пазируфта мешавад.

Кароматулло Қурбонов табиатан эҷодкор буд ва нисбат ба интихоби матни шеъру эҷоди оҳанг таваҷҷӯҳи хоса зоҳир намуда, мекӯшид, то бо услуби хоси овозхониву навозиши дилангези худ дар рушди санъати эстрадии тоҷик саҳмгузорӣ намояд.

Ҳамчун шахсияти барҷастаи эҷодӣ, Кароматулло Қурбонов нақши муассири худро дар фарҳанги мусиқии муосири тоҷик гузошта, ба ҳайси асосгузори мактаби сурудҳои муаллифӣ дар жанри эстрада шинохта шудааст. То имрӯз суруду таронаҳои эҷоднамудааш зеби маҳфилҳо ва барномаҳои консертӣ мебошанд.

Имрӯз мактаби овозхонии Кароматуллоро наврасону ҷавонони зиёд пайравӣ менамоянд ва боиси ифтихор аст, ки фарзандонаш Муҳаммадрафӣ ва Нозия номи наку ва эҷодиёти падарро дар ансамбли эстрадии «Ориё»- и Кумитаи телевизион ва радиои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон идома медиҳанд.

Кароматулло Қурбонов умри тӯлонӣ надид, ҳамагӣ 31 сол дошт, ки ин ҷаҳонро падруд гуфт. Аммо бо истеъдоди нодираш барои наслҳои оянда осори пурарзишеро ба мерос монда, завқи бадей, истеъдоду ҳунару маҳорати фитрӣ ӯро беҳтарин ҳунарманди санъати эстрадии тоҷик гардонид.

*Диламро медиҳам таскин, ки*
*боло буд парвозат*
*Ҷаҳони аз ту холиро кунун*
*пур карда овозат.*
*Рухатро, ҳар куҷое бингарам,*
*тобанда мебинам,*
*Сурудат қосиди рӯҳат, туро*
*ман зинда мебинам...*

***Хуршед НИЗОМӢ,***
***мусиқишинос, узви***
***Раёсати Иттифоқи***
***композиторони Тоҷикистон***

*Низом ҚОСИМ*

## ПЕШВОИ МИЛЛАТ

Пурнур шаҳчароғӣ, эй раҳнамои Миллат,
Раҳҷӯи бахти халқӣ, эй раҳкушои Миллат.

Дастони Сулҳу Ваҳдат бо хуни дил навиштӣ,
Аз хишти ҷисму ҷонат кардӣ бинои Миллат.

Кам сарваре ба олам бо чораи фароҳам
Аз интиҳои Миллат ҷуст ибтидои Миллат.

Дар ҷону дил гирифтӣ аз сидқ дарди Миллат,
Гаштӣ табиби Миллат, кардӣ давои Миллат.

Аз бераҳӣ кашидӣ то огаҳӣ Ватанро,
Аз огаҳии Миллат ҷустӣ бақои Миллат.

Киштишикаста Миллат омад ба соҳил охир,
То аз Худо расидӣ, эй Нохудои Миллат...

*Муҳаммад ҒОИБ*

## ПЕШВО

Бегона ба хешу ошнои ҳамаӣ,
Ҳастӣ ҳама дард аст, давои ҳамаӣ.

Файзи ту хазони мулкро кард баҳор,
Борони умеди киштаҳои ҳамаӣ.

Бар рағми ҳама шоми ғуборолуда,
Покизатарин субҳи сафои ҳамаӣ.

Чун соз хӯрӣ агарчи мизроби ҷафо,
Оҳанги садоқату вафои ҳамаӣ.

Дар дафтари зиндагонии пур зи суол
Устоди ҷавобдеҳ ба ҷои ҳамаӣ.

Бори ғаму шодии ҳама бар дӯшат,
Неруи бузургу муттакои ҳамаӣ...



# *Ифтихори мост номи Пешво, Раҳнамо бошад Паёми Пешво.*

*Нурмуҳаммад НИЁЗӢ*

## ЭҲДОЕ БА ПЕШВОИ МИЛЛАТ

Давлатеро ба миллат овардӣ,
Миллатеро ба давлат овардӣ.

Ватан акнун шикояте накунад,
Ту шукӯҳу шаҳомат овардӣ!

Як ҷаҳон аз самимият саршор,
Пур зи меҳру муҳаббат овардӣ.

Муслимин аз ту сад карат розӣ,
Ба шароит шариат овардӣ!

Ту ҳамонӣ, дигар нашуд суханат,
Мамлакатро ба ваҳдат овардӣ!

Ту ҳамонӣ, ки хун шудӣ сад бор,
Коса пур карда шарбат овардӣ!...

*У. ВОҲИДЗОДА*

## ҲАДИСИ ПЕШВО

Ифтихори мост номи Пешво,
Раҳнамо бошад Паёми Пешво.

Тоҷу тахти худшиносӣ моли мост,
Обрӯ бахшад мақоми Пешво.

Рӯҳ мегирем аз ҳарфи сабақ,
Раҳкушо бошад Каломи Пешво.

Ҳамсадо бошад ба мо гӯши фалак,
Сад алайк орад саломи Пешво.

Тоҷик аз ҷаҳдаш ҷаҳонро фатҳ кард,
Ҷоми хуршед аст Ҷоми Пешво.

Роҳи мо шуд қуллаи кӯҳи мурод,
То чу ҷон бошад Низоми Пешво.

# ПАРЧАМАТ БОДО ПАРАФШОН, ТОҶИКИСТОН!



*Муҳтарам ҲОТАМ*

## ПАРЧАМИ ИҚБОЛИ БАЛАНД

Шуд парчами рахшандаи мо зебу фари мо,
Нерӯи тану ҷону чу нури басари мо,
Болои сари мову нигаҳбони сари мо,
Шуд дар раҳи фатҳу зафар ӯ ҳамсафари мо.

Бар парчами пояндаи худ арҷ гузорем,
Ёде зи ниёгони азизаш бишуморем.
Пайваста ба ҳам саф ба сафу сулҳшиорем,
Дар ҳифзи Ватан ҷону сари худ бисупорем.

Дар авҷи фазо бол кушода чу кабӯтар,
Бахшандаи шодист ба ҳар хонаву ҳар дар,
Рамзест зи неруву тавоноии кишвар,
Савганди ватандориву «Шаҳнома»-и дигар.

Ин парчами мо парчами иқболи баланд аст,
Чун боли ҳумо бар сари мо соя фикандаст.
Бар ҷону дили халқ азиз асту писанд аст,
Ҳомии Ватан аз ҳама озору газанд аст.

*Бузургмеҳри ҲАКИМ*

## ЛИВОИ ВАТАН

Ман ливои Меҳанамро
Дар тулӯи офтобаш дидаам.
Ман Суруди миллиашро
Аз забони булбулон бишнидаам.

Ранги сурхи Парчами мо чун шафақ
Ёд меорад зи хуни он нафарҳое, ки андар
Роҳи Истиқлоли миллат рехтанд,
Риштаҳои бандагӣ бигсехтанд.

Ранги испедаш бувад
Қуллаҳои сарсафед.
Ин нишони он бувад, ки сарбаландем,
Равшан аст имрӯзи мо, ояндаи мо,
Дар канори давлати пояндаи мо.

Ранги сабзаш
Даштҳои сабзу хуррам,
Бал далели навбаҳору гулшукуфти миллат аст,
Рангҳои Парчами мо
Ранги бахту ранги файзу нусрат аст.

*Ширин БУНЁД*

## ПАРЧАМИ ИСТИҚЛОЛ

Тоҷикистон, нурборон шуд дигар чашми нами ту,
Шаҳсаворе кард эҷодат зи ҳар бешу ками ту,
Дар масофи вақт гаштӣ ваҳдатистони гулафшон,
Дасти Исмоили сонӣ кард боло парчами ту.

Парчами ту, Парчами ту, парчами озодии мо,
Парчами бахту саодат парчами навшодии мо,
Парчами ту ёдгор аз тахту тоҷи Ориёно,
Се ҷилои ранг-рангаш ҷилваи ободии мо.

Ранги сурхаш сурхрӯӣ пеши аҷдоди пурармон,
Сурхрӯӣ пеши таърих аст андар рӯзгорон,
Сурх мепӯшем мо дар тӯйу сури халқи озод,
Ранги сурхи Парчами мо – рамзи тӯйи Тоҷикистон.

Ранги сабзаш сабзии боғи муроди миллати мо,
Пушти чандин қарнҳо нав бомдоди миллати мо,
Ранги сабзаш сабзии боғи муроди номуродон,
Сабзии наврӯзии даврони шоди миллати мо...

*Сулаймон СУЛТОН*

## ПАРЧАМИ МИЛЛӢ

Ғурури мо, сари болои мoӣ, парчами миллӣ,
Чу машъал халқи моро раҳнамоӣ, парчами миллӣ.

Ба ҳар ранги ту рамзе аз саодатҳо паём орад,
Рамузи миллати сар бар самоӣ, парчами миллӣ.

Зи ранги сурх рӯсурхии мардонат аёнам гашт,
Ба мисли дасти модар бо дуоӣ, парчами миллӣ.

Ба ранги сабзи ҳамсони баҳорат гул кунад бахтам,
Чу Хизри сабзпӯши раҳнамоӣ, парчами миллӣ.

Далеронат туро бо хеш чун хоки Ватан бурданд,
Заминбӯсию ҳам сар бар самоӣ, парчами миллӣ.

Ту пар-пар мезанӣ, бо ту кабутар мезанад пар-пар,
Бақои ваҳдату сулҳу сафоӣ, парчами миллӣ.

*Малик НЕЪМАТ*

## ПАРЧАМИ МИЛЛАТ

Дар радифи хостанҳову шукуфтанҳо,
Дар масири сабз гаштан, қад кашиданҳо,
Бар хилофи қасди душманҳо,
Парчами озодагон афроз, эй миллат,
Ин ҷаҳонро тарҳи нав андоз, эй миллат!

Ҷилваи озодагӣ дар дашту ҳомун зан,
Боз ҳам бар синаҳои санг нохун зан,
Хиштҳо болои ҳам дар кори Роғун зан,
Парчами озодагон афроз, эй миллат,
Баҳри тармими ҷаҳон пардоз, эй миллат!

Тоҷикистонвор оламро гулистон кун,
Номи тоҷикро фаро аз гӯшаҳои дури кайҳон кун,
Олисомонвор оламро ба сомон кун,
Парчами озодагон афроз, эй миллат,
Зиндагиро зиндагитар соз, эй миллат!

# О ЗНАЧЕНИИ МУЗЫКИ В ЖИЗНИ ЧЕЛОВЕКА

Общеизвестно, что музыка (вокальная, инструментальная, колыбельная, опера, симфония и т.д.) – это выражение состояния души в звуках, это выражение чувств, это особый язык на котором общаются все живые существа, в том числе и представители разных форм искусств, а точнее говоря все те, кто живёт в мире звуков.

Само слово «музыка» всегда говорит за себя, ибо музыка – это нечто лёгкое, душевное, прозрачное, воздушное, светлое, безобидное и близкое к сердцу каждого человека, создания или творения, другими словами, вибрации звуков, красивого голоса создают в душе человека некий покой, радость, печаль, грусть, переживание, сочувствие, признание и многое другое.



В статье рассматривается возможности музыки и то, как она может влиять на жизнь человека. Музыка может успокоить или возбудить своего слушателя, развеселить или заставить его грустить. Она может овладеть душевным миром человека, если конечно он способен её слушать и слышать, она может открыть двери в другой мир, где можно обойтись с помощью звуков. Также в статье рассмотрены средневековые традиции музыкальной науки, начиная с времен великих ученых Абунасра аль-Фараби (10в.) и Ибн Сино (10-11вв.).

Музыка — это ощущение гармонии звуков, передающие самые сложные переживания и спасение от возможных стрессовых состояний. У каждого человека имеется своя собственная методика успокоения души: одни слушая музыку, забывают обо всем и уходят как бы в другой мир, где все заполнено яркими красками, другие же наоборот начинают вникать в причины своих переживаний.

Музыка – это звуки, которые пишутся, сочиняются, исполняются музыкантами и певцами, которые хотят рассказать окружающим о том, что они переживают или пережили в своей жизни, другими словами, они с помощью звуковых образов выражают своё душевное состояние.

Музыка в современном мире используется во всех сферах жизни общества, ее используют также и в электронике, в робототехнике, в машиностроении, в радиотехнике, в авиации, она охватила все аспекты нашей жизни. Эмоции и идеи, выражаемые через музыку, ситуации, в которых музыка исполняется и воспринимается, а также отношение к исполнителям и композиторам варьируются в зависимости от вкусов, интересов разных слоев общества, особенностей культуры того или иного региона или эпохи.

Из истории известно, что первоначальным музыкальным инструментом была древняя флейта, то есть тот самый примитивный духовой инструмент, о котором писал еще Пифагор и один экземпляр был обнаружен рядом со скульптурами, которые относят ко времени 35–40 тыс. лет до н. э.

Не случайно именно флейту воспевает в «Маснавии маънави» великий Джалолиддин Балхи (Руми) в первых же строках поэмы. С тех пор именно флейта, ее чарующие звуки являются (по описаниям Джалолиддина Балхи) символом чисто человеческих переживаний, образом тоски по первородине Адама.

Во все времена и в разных цивилизациях музыке принадлежит важная роль в духовном совершенствовании человека. Наука о музыке, интересные и содержательные трактаты о музыке в средние века были составлены и на Востоке. На эту способность музыки, на ее связь с миром эмоций человека обращали внимание многие выдающиеся мыслители Востока, такие как Абунаср аль-Фараби и Ибн Сина, Абурайхан Беруни и Фахр ад-Дин Рази, Абдуррахман Джами и Алишер Навои и многие другие.

Например, Абунаср Фараби наряду с другими науками по традициям и требованиям времени создал всего пять книг о музыкальной науке в числе которых следует назвать "Китоб-ал-мусиқӣ ал-кабир" (Великая книга о музыке).

В истории таджикской музыкальной культуры Абуали Ибн Сина (Авицена) одним из первых высказал своё очень интересное мнение о причинах появления звука и голоса в период своей работы, которая была посвящена музыкальной науке в книге «Ҷавомеъу илм-ал-мусиқӣ». Он впервые подчеркивает, что звуки появились среди живых существ в соответствии их жизненных потребностей.

Основной труд Абурайхона Беруни «Осор-ул-боқия» можно считать своеобразной энциклопедией истории и культуры ираноязычных народов. Исходя из того, что данная проблема является объектом отдельного фундаментального исследования и, принимая во внимание, объем статьи, мы решили в тезисном порядке напомнить основные вопросы, связанные с историей и культурой предков таджикского народа, которые стали объектом изучения Абурайхана Беруни.

Абу Бакр Мухаммад ар-Рази - выдающийся мыслитель, ученый и врачеватель, который наряду с десятками сочинений по всем отраслям философии и медицины. По имеющимся сведениям, Абу Бакр ар-Рази является первым ираноязычным ученым, который сочинил труды по музыкальной науке. Он написал большой трактат о музыке под названием («Фил-ҷумал-ил-мусиқӣ») - Об особенностях музыкальной композиции.

Нуриддиин Абдуррахман ибн Ахмад Джами - поэтическое творчество Джами состоит из семи поэм, известных под названием «Хафт ауранг» – «Семь престолов» или «Созвездие Большой Медведицы». Также тематика научных работ А.Джами очень широк, и в этом ряду безусловно, следует также упомянуть его Трактат о музыке. Согласно информации, упомянутой самим поэтом в начале этого произведения, он сочинил музыкальный трактат в конце своей жизни, возможно, в 1489-90 годах, а также ясно, что он создал этот трактат "по просьбе своих друзей".

В нашем мире, музыка занимает важное место в жизни каждого человека. Это можно объяснить в двух словах, а можно написать целые книги, но мы хотим рассказать о музыке несколькими простыми словами. Музыка воспитывает в человеке доброту, душевные переживания, побуждает к тем или другим действиям, доставляет удовольствие, радость или грустные переживания.

Есть такие виды музыки, как вокальная, инструментальная, сюиты, симфонии, сонаты, оперная музыка, музыка кино, к драматическим представлениям, к массовым праздникам и т.д. Часто встречаются большие музыкальные полотна, которые звучат до 20-30 минут, их слушание и восприятие являются уже уделом сполна подготовленных, образованных в музыкальном смысле людей.

В данном случае, необходимо отметить, что к классической музыке 18-го века можно предписать симфонии Бетховена, Моцарта. На протяжении многих десятилетий слушают и понимают миллионы любителей классической музыки, получают при этом огромное эстетическое наслаждение, и еще миллионы людей будут их слушать в будущем. Классическая музыка рассчитана на глубоко мыслящего человека, который ко всему настроен серьезно.

Одним словом, классическая музыка вечна. Она прекрасна и гармонична, её главной особенностью является сочетание глубины передаваемых переживаний разнообразием музыкальных приемов. Она помогает нам поднять пыльный занавес прошлого и посмотреть на тот мир новыми глазами.

***Гулнозахон АБДУЛОЕВА,***
***младший научный сотрудник отдела искусствознания НАН Таджикистана***

## ИЗҲОРИ ТАСАЛЛИЯТ

Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон ба сармутахассиси Раёсати табъу нашр ва матбуот, Хусравбекова Гулбутта нисбати даргузашти

**ХОҲАРАШ**

изҳори ҳамдардии амиқ намуда, ба пайвандону наздикони марҳум сабри ҷамил хоҳон аст.

Ҳайати эҷодии рӯзномаи «Баҳори Аҷам» ба мухбири минтақавии нашрия дар вилояти Суғд Муҳайё Қаюмова нисбати даргузашти

**МОДАРАШ**

изҳори тасаллият намуда, ба аҳли байт ва хешовандони марҳум аз даргоҳи Илоҳӣ сабри ҷамил мехоҳанд.

*Муассисаи давлатии Рӯзномаи «Баҳори Аҷам»*

**Муассис:**
**Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон**

**Сармуҳаррир**
**Абдуфаттоҳ МИРАҲМАДОВ**

**Ҳайати мушовара:**
Асадулло РАҲМОН
Эмомалӣ НАСРИДДИНЗОДА
Зулфия ДАВЛАТЗОДА
Обид НАЗАРИЁН
Давлат САФАРЗОДА
Манучеҳр ШАРИФЗОДА
Низом ҚОСИМ
Раҳмоналӣ ШЕРАЛИЕВ
Алии Муҳаммадии ХУРОСОНӢ
Зинатуллоҳ ИСМОИЛЗОДА
Ғазалшо САФАРЗОДА

**Ҳайати таҳририя:**
**Номвар ҚУРБОНОВ**
**Ҳотами ҲОМИД**
**Меҳрӣ САИДОВА**
**Хубон НАЗИРӢ**
**(муҳаррирон)**

**Тарроҳ:**
**Ҳаётулло ХОЛОВ**

**Мухбирони мо:**
Муҳайё Қаюмова,
в. Суғд, тел: 92-770-71-02
Далер Шарифов,
в. Хатлон, тел: 918-27-41-23
Ҷонибек Қозибеков,
ВМКБ, тел: 93-522-68-03

*Муассисаи давлатии «Рӯзномаи «Баҳори Аҷам» 3 марти соли 2023 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти рақами 360/ РЗ- 97 ва таҳти рақами 001-5639 аз 25. 12. 2008 дар Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шудааст.*

*Дар рӯзнома маводе низ нашр мешавад, ки ба мавқеи идора мувофиқат намекунад.*

*Дар рӯзнома маводҳо ва аксҳо аз сомонаҳои president.tj, khovar.tj, vfarhang.tj низ истифода шудаанд.*

*Барои дар дигар нашриҳо чоп кардани матолиб ва иқтибосҳо аз «Баҳори Аҷам» иҷозати хаттии идора ва нишон додани сарчашмаи иттилоот ҳатмист.*

*Ҳуқуқи муаллифии ҳамаи матолиби рӯзнома ба идораи рӯзномаи «Баҳори Аҷам» тааллуқ дошта, тибқи қонунгузории ҷории ҶТ ва байналмилалӣ ҳифз карда мешавад.*

**Нишонии мо:**
*шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ , 36*
*Тел. 2-23-09-21*
*907-70-28-69*

*Ҳафтанома дар ҶДММ «Меga-принт» ба табъ мерасад. Нархаш озод.*